**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**УДК: 347.634/.637 575.3**
**ББК: 67.404**
**С - 14**

**САИДЗОДА МУҲАББАТ ШЕРАЛӢ**

# МАСОИЛИ ОИЛАВӢ-ҲУҚУҚИИ ТАРБИЯИ КӮДАКОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03- Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ;ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**ДУШАНБЕ-2020**

Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фаслафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Раиси Арбитражи Байналмилалии Тиҷоратии назди Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ: Золотухин Алексей Валерьевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон»

Ҳошимзода Даврон Додоҷон – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, судяи Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муассисаи тақриздиҳанда: Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон», (ш. Душанбе)

Ҳимояи диссертатсия «3» июли соли 2020 соати 11-00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, толори ҷаласаи диссертатсионии факултети ҳуқукшиносӣ) баргузор мегардад.

Бо мазмуни рисола дар сомонаи www.tnu.tj ва Китобхонаи маркази илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар суроғаи ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17, метавон шинос шуд.

Автореферат «______»__________ соли 2020 тавзеъ шуд.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

## МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ.** Масъалаҳои вобаста ба тарбияи кӯдакон дар сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) ҷойи махсусро ишғол менамояд. ҶТ ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ ва аъзои ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ва ҳифзи он якчанд санадҳои байналмилалиро ба тасвиб расонида, ӯҳдадориҳои муайянеро ба зиммаи худ гирифтааст. Аз ҷумла, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ ва Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдакро ба тасвиб расонида, Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдакро таъсис додааст.

Давлат дар сатҳи конститутсионӣ тарбияи кӯдаконро яке аз вазифаҳои асосии худ эътироф намуда, модару кӯдакро таҳти ҳимоя ва ғамхории махсус қарор дода, падару модарро барои таълиму тарбияи фарзандон масъул донистааст (м. 34 Конститутсияи ҶТ). Қонунгузории соҳавӣ дар самти тарбияи кӯдакон аз ин меъёри конститутсионӣ сарчашма мегирад. Аз ҷумла, Кодекси оилаи ҶТ бартарияти тарбияи оилавии кӯдаконро яке аз принсипҳои ба танзим даровардани муносибатҳои оилавӣ эътироф намуда, субъектҳои асосие, ки барои тарбия ва нигоҳубини кӯдакон масъулият доранд, муайян намудааст.

Бо мақсади тақвияти масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ватанпарварӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумиинсонӣ ва фарҳангӣ тарбия намудани фарзандон инчунин барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо як зумра санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ қабул карда шудаанд. Аз ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф», Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони ҶТ», Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ», Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ, Консепсияи рушди оила дар ҶТ ва ғайраҳо қабул гардидаанд. Илова бар ин, ба Кодекси оилаи ҶТ, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ ва дигар санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба ин масъала тағйироту иловаҳои дахлдор ворид карда шудаанд.

Аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида бармеояд, ки оид ба тарбияи кӯдакон дар ҶТ чораҳои комплексии ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ андешида шудаанд, аммо ба ҳамаи ин чораҳои андешидашуда нигоҳ накарда, дар ин самт то ҳол камбудиҳои ҷиддие ба назар мерасанд, ки барои ислоҳи онҳо ҷораҳои иловагии таъхирнопазир андешидан зарур мебошад. Гузашта аз ин, падидаҳои номатлуб, ба монанди терроризм, экстремизм, рӯ овардан ба фарҳанги бегона ва бо ин коҳиш ёфтани эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ба он оварда расонидаанд, ки сатҳи таълиму тарбия дар ҷомеа ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ намебошад. Зеро таҳлилҳои омори судӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки субъектони таълим ва тарбияи кӯдакон, хусусан падару модар вазифаҳои худро вобаста ба таълиму тарбия на ҳама вақт дуруст иҷро менамоянд. Чунончи, дар судҳои ҶТ дар солҳои 2017–2019 42738 адад парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва 3825 адад парвандаҳои ҷиноятӣ[1] барои вайрон намудани талаботи қонунгузорӣ вобаста ба тарбияи кӯдакон дар оила баррасӣ карда шудааст, ки дар натиҷа падару модар ва дигар субъектони тарбия бо

[1] Маълумотҳои омории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017–2019.

татбиқи ҷазоҳои гуногун ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд. Инчунин, таҳлилҳои оморӣ собит месозанд, ки сол аз сол сатҳи ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон тамоюли болоравиро дорост. Чунончи, соли 2016 - 372 нафар, соли 2017 - 549 нафар ва соли 2018 - 618 нафар ноболиғон аз ҷониби судҳои ҶТ[2] барои содир намудани ҷиноятҳои гуногун гунаҳкор дониста шуда, маҳкум гардидаанд.

Илова бар ин, муҳоҷирати меҳнатии падару модарон, ки дар натиҷаи он кӯдакон бе таълиму тарбия ва бе парасторӣ мемонанд, яке аз омилҳои дигари манфӣ буда, барои ноил шудан ба ҳадафҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ монеа ба миён меоранд. Аз маълумотҳои оморӣ бармеояд, ки танҳо дар солҳои 2016-2018 1489241 нафар ба муҳоҷирати меҳнатӣ[3] рафтаанд.

Хусусияти шароити тарбияи ҳозира, хатар ва даъватҳое, ки кӯдакон бо он дучор мешаванд, на танҳо давлат ва ҷомеаро, балки омодагии касбии падару модарро ба иҷрои ухдадориҳои тарбиявӣ низ талаб менамояд. Аз ин рӯ, ба андешаи мо танзими ҳуқуқӣ ва амалӣ намудани механизмҳои ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаҳои тарбияи кӯдакон дар оила нокифоя буда, таҳлили минбаъдаи назариявӣ ва пешниҳодҳои амалиро тақозо менамояд. Зеро тарбия дар ҳамаи давру замон ва тамоми халқҳо зуҳуроти муҳими ҳаёти маънавии ҷомеа буда, бе мавҷуд будани тарбия ҳаёти ҷамъияти инсонӣ маъно надорад. Масоили ҷойдошта дар рушди ҳамаи шаклҳои тарбияи кӯдакон ин то ба охир нарасидани танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи амалии меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Нуктаҳои зикргардида шаҳодати муҳиммияти тадқиқоти мушкилоти маҷмӯии ҳуқуқӣ-оилавии тарбияи кӯдакон дар Тоҷикистон мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Робитаи кор бо мавзӯи илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи хусусии институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи Илмҳои ҶТ ва Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ, Консепсияи рушди оила дар ҶТ омода карда шудааст.

**Сатҳи таҳқиқоти илмии мавзӯъ.** Масоили тарбия, омӯзиши кӯдакон дар оила ва иҷрои вазифаҳои падару модарӣ ҳамеша хеле мубрам буда, ҷанбаҳои алоҳидаи ӯ аз ҷониби намояндагони гуногуни илм, дин ва институтҳои ҷамъиятӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Дар чунин сарчашмаҳои динӣ, ба монанди Авасто, Қуръони Карим, Мухтасар ва ҳадисҳо ҷанбаҳои тарбиявӣ ва ахлоқӣ–таълимии кӯдакон ба таври пурра инъикос гардидааст. Нақши падару модар дар ҷомеа ва оила дар тарбияи кӯдакон дар асарҳои мутафаккиронии бузурги форсу тоҷик, ба монанди Абӯабдулло Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абунаср Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абураҳмони Берунӣ, Абубакр ар-Розӣ, Унсурмаолии Кайковус, Саъдии Шерозӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Ҷалолиддин Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон ҷойи махсусро ишғол намудааст.

Ба омӯзиши муносибатҳои ҳуқуқӣ дар замони муосир дар самти тарбияи кӯдакон дар оила бошад, олимон ва ҳуқуқшиносони ватанӣ ва дигар давлатҳо машғул шудаанд, ки аз байни онҳо О.У. Усмонов[4], В.А. Ойгензихт[5], А.М. Маҳмудзода[6], Т.Ф. Тоҳиров[7],

[2] Маълумотҳои омории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017–2019.
[3] Маълумотҳои омории Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2018
[4] Усмонов О.У. Никоҳ, оила, ахлоқ ва қонун: нашри 2-юм бо тағйирот ва иловаҳо. – Душанбе: Ирфон, 1994.
[5] Ойгензихт В.А. Ответственность за нарушение семейно-правовых обязанностей // Материалы Всесоюзной научно-практической конференции «Проблемы советского семейного правоб». – М., 1980. – 48 с.

А.Г. Холиқзода[8], И.Х. Бобоҷонзода[9], Б.Т. Худоёрзода[10], М.З. Раҳимзода[11], Э.С. Насурдинзода[12], Қурбоналиев Н.Ш.[13], Х.К. Салимов[14], М.Т. Алиев[15], Х.М. Собиров[16] олимони рус В.А. Сухомлинский[17] Г.М. Садеева[18], Р. Л. Мурзин[19], З.И. Воронина[20], Е.П. Данилов, А.М. Нечаева[21], В.Н. Леженин, Г.К. Матвеев, Л.Ю. Михеева, Е.А.

---

[6] Маҳмудзода М. Сиёсати ҳуқуқ ва давлати демократӣ (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 632 с.; Маҳмудзода М., Худоёрзода Б. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. –Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 492 с.; Маҳмудов М. Аҳдномаи никоҳ. – Душанбе: ЭР-граф, 2005. – 32 с.; Маҳмудов М. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳамсарон дар оила. – Душанбе: ЭР-граф, 2003. – 164 с.; Махмудов М. Правовые средства сохранения и укрепления семьи в Таджикистане: Душанбе, 1998. – 165 с.; Устувории низоми судии Тоҷикистон: проблема ва мулоҳиза. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 176 с.; Махмудов М.А. Молодая семья и право. – Душанбе, 1990. – 00 с.; Маҳмудов М. Никоҳ: ҳуқуқ ва вазифаҳои ҳамсарон (омилҳои ҳуқуқии мустаҳкамии оила). – Душанбе: Маориф, 1996. – 37 с.; Маҳмукдов М.А. Семейно-правовые средства обеспечения стабильности брака. – Душанбе, 1990. – 100 с.

[7] Тоҳиров Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 1992. – 00 с.; Тоҳиров Ф.Т., Холиқов А.Ғ. Шариат ва танзими муносибатҳои никоҳӣ ва оилавӣ. – Душанбе: Диловар, 1999. – 87 с.; Тахиров Ф.Т., Халиков А.Г. Шариат: прововая регламентация брачно-семейных и наслудственных отношений. – Душанбе: Дониш, 2001. – 105 с.

[8] Тоҳиров Ф.Т., Холиқов А.Ғ. Шариат ва танзими муносибатҳои никоҳӣ ва оилавӣ. – Душанбе: Диловар, 1999. – 87 с.; А.Г. Халиков. Семейное право зороастризма. – Душанбе: Сарбоз, 2003. – 115 с.; А.Г. Халиков. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005. – 488 с.; А.Г. Халиков. Хадис как источник мусульманского права. – Душанбе: Шарқи озод, 1998. – 787 с.

[9] Бабаджанов И.Х. Охраны права внутриутробного ребенка на жизнь: законодательство России, республики Таджикистан и других стран. Вестник таджикского национального университета. – 2013. – № 4. – С. 00.; Бобоҷонов И.Ҳ., Тағойназаров Ш.Т. Тақриз ба Тафсир ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (муаллифон Маҳмудов М.А. ва Худоёров Б.Т.) Ҳаёт ва Қонун. – Душанбе, 2004. – № 1. – С. 121–136; Бабаджанов И.Х. Гносеология правовой танатология (теоретико-правовые аспекты учения о смерти: монография. – Душанбе, 2009. – 352 с.; Бабаджанов И.Х. Жизнь и здоровье человека: современные проблемы правовой ответственности. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 452 с.; Бабаджанов И.Х. Алиментные обязательства (в теории и практике) (на тадж.яз.). – Душанбе: Эр-граф, 2012. – 272 с.; Бобоҷонов И.Ҳ. Ҳимояи ҳуқуқҳои меросӣ дар суд. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – 288 с.

[10] Маҳмудзода М., Худоёрзода Б. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 492 с.; Б.Т. Худаяров. Защиты прав и интересов детей по семейному праву Республики Таджикистан. – Душанбе, 2000. – 107 с.;

[11] Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» // Зери таҳрири Раҳимов М.З. – Душанбе, 2012. – 00 с.

[12] Насурдинов Э.С. Правовая культура: монография. – М.: Норма, 2014. – 352 с.; Насурдинов Э.С. Правовая культура: теоретико-методологический аспект: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 160 с.; Насурдинов Э.С. Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 196 с.;

[13] Курбоналиев Н.К. Проблемы защиты гражданских информационных прав ребенка в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2014. – 195 с.

[14] Салимов Х.К. Педагогические условия воспитания патриотизма учащихся средствами национальных таджикских подвижных игр и народных традиций: дис. … кан. пед. наук. – Душанбе, 2015.

[15] Алиев М.Т. Идеи воспитания в трудах Имама Мухаммада Газали: дис. ... канд. пед. наук. – Душанбе: РГБ, 2007.

[16] Собиров Х.М. Идеи духовно-нравственного воспитания личности в трудах Имама Азама: дис. ... канд. пед. наук. – Курган-Тюбе, 2012.

[17] Сухомлинский В.А. О воспитании. – Москва, 1988.

[18] Садеева Г.М. Усыновление как форма устройства детей, оставшихся безпопечение родителей: теория и практика применения: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2015.

[19] Мурзин Р.Л. Формы устройства детей, оставшихся без попечения родителей: семейно-правовой аспект: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006.

[20] Воронина З.И. Правовые форм воспитаие детей, оставшихся без попечения родителей: дис. ... канд. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 1993.

[21] Нечаева А. Правовые проблемы семейного воспитания несовершеннолетних: монография. – М., 2016. – 00 с.; Нечаева А.М. Правонарушения в сфере личных семейных отношений. – М., 1991; Нечаева А.М. Обеспечение органами опеки и попечительства права на воспитание детей // Правовые вопросы семьи и воспитания детей. – М., 1968.

Фомина[22], С.Е. Копелянская[23], Ю. Беспалов[24], Л.Ю. Голышева[25], М.С. Кокорина[26] ва дигаронро номбар кардан мумкин аст.

Аммо новобаста аз он ки корҳои иҷрокардаи муҳаққиқони зикргардида ба масъалаҳои ҳуқуқи оилавӣ бахшида шудаанд, дар масъалаҳои тарбияи кӯдакон дар оила баъзе мушкилот мавҷуд аст, ки то ҳол ҳалли худро наёфтаанд. Қисме аз мушкилоти ҳуқуқие, ки ба тарбияи кӯдакон дар оила вобастагӣ дорад, дар самти илмҳои педагогӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ аз тарафи олимони соҳаҳои гуногун (Х.К. Салимов, Б.Т. Лихачев, Л.И. Маленкова ва диг.) таҳқиқ шудаанд.

Аҳамияти бешакки ин таҳқиқотҳоро эътироф намуда, зикр намудан бамаврид аст, ки онҳо доираи ҳамаи масъалаҳоро, ки ҳалли онҳо дар ин самт ба тағйироти вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дар мамлакат, болоравии шумораи кӯдакони ятим ва кӯдакони бе парастории падару модар мондаанд, робита дорад, ба анҷом нарасонидаанд. Дар навбати худ, тибқи ақидаи муаллиф, зарурати ба таври маҷмӯӣ омӯзиши масъалаҳои асосҳои ҳуқуқии танзими тарбияи кӯдакон дар оиларо, ки ягонагии низомнокӣ ва методологиро фаро мегирад, ба миён омадааст.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро** муносибатҳои ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки ба ташаккули тарбияи кӯдакон, инчунин ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон робита доранд.

**Мавзӯи таҳқиқот -** масоили ҳуқуқӣ-оилавии тарбияи кӯдакон, меъёр ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҷрибаи судӣ, одатҳои муомилоти корӣ ва таълимотҳои илмие, ки механизми ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқ ва ухдадориҳои субъектони муносибатҳоро дар самти тарбияи кӯдакон муайян менамояд, ташкил медиҳанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши ҳаматарафаи ҷанбаҳои оилавӣ-ҳуқуқии танзими ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Тоҷикистони муосир, ҳамчунин мафҳум, сохтор ва унсурҳои асосии категорияи мазкури ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Барои ноил шудан ба ин мақсад, дар рисола **вазифаҳои зерин** гузошта шудаанд:

– омӯзиши ҷанбаи таърихии тарбияи кӯдакон;

– таҳлили қонунгузории амалкунанда дар бораи тарбияи кӯдакон ва таҷрибаи татбиқи он;

– тадқиқоти мафҳуми тарбияи кӯдакон дар ҷанбаи иҷтимоӣ-педагогӣ;

– таҳлили маҷмӯии танзими ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар оила;

– омӯзиш ва ҷамъбасти сиёсати давлатӣ ба манфиати оила ва неруи тарбиявии он;

– ошкор намудани хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии субъект дар муносибатҳои тарбиявии ҳуқуқӣ;

– омӯзиши маҷмӯии тарбияи кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Асоси методологии рисоларо усулҳои умумиилмӣ ва хусусии дарки илмӣ ташкил доданд. Дар кор усулҳои умумии фалсафавӣ, аз қабили диалектикӣ, низомнок, таркибӣ ва функсионалӣ, истифода

---

22 Фомина Е.А. Споры о праве на воспитание детей (материально-правовые и процессуально-правовые проблемы): дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2004.

23 Копелянская С.Е. Защита прав ребенка в совестском суде. – М., «ОГИЗ», 1936.

24 Беспалов Ю. Усыновление как способ судебной защиты прав ребенка. – М., 1997.

25 Голышева Л.Ю. Правовое положение детей в России: исторический аспект: дис. ... канд. юрид. наук. – М.,

26 Кокорина М.С. Семейно-правовые основы воспитания детей в современной России: дис. … кан. юрид. наук. – Москва, 2006.

шудаанд. Ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ усулҳои махсуси шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ низ истифода бурда шудаанд. Ҳангоми гузаронидани таҳдқиқоти диссертатсионӣ муаллиф кӯшиш намудааст, ки муносибати низомнокиро ба маводҳои таҳлилшаванда таъмин намояд. Самти умумии тадқиқот ба воситаи методи диалектикӣ муайян шудааст, ки муқаррароти минбаъдаи методологиро ташаккул медиҳад. Методҳои меъёрӣ-мантиқӣ ва муқоисавӣ аз методҳои нисбатан талаботдошта мебошад, ки муаллиф бештар ба он такя намудааст. Татбиқи методҳои муқоисавӣ-ҳуқуқии тадқиқот ба муаллиф имконият додаанд, ки таҳлили муқоисавии тарбияи кӯдакон дар оиларо бо дигар категорияҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ ва педогогӣ амалӣ намояд. Бо истифода аз методҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ самтҳои илмие коркард шудаанд, ки барои ҳамаҷониба ва пайдарҳамии омӯзиши асосҳои тарбияи кӯдакон дар оиларо дар давраҳои гуногуни инкишофи таърихӣ ва мактабҳои гуногуни илмӣ ба амал бароварда шавад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии рисолаи илмиро корҳои илмии олимон Х.К. Салимов, Б.Т. Сухомлинский, В.А. Лихачев, Л.И. Маленков, Л.А. Григорович, Т.Д. Марсиновская, А.А. Лиханов, Е.М. Рыбинский, О.А. Карабанова, ҳуқуқшиносон А.М. Маҳмудзода, Б.Т. Худоёрзода, А.Г. Холиқзода, Т.Ф. Тоҳиров, И.Х. Бобоҷонзода, М.З. Раҳимзода, М.В. Антокольская, О.Ю. Блохин, Е.М. Ворожейкин, З.И. Воронина, Л.Ю. Голышева, Е.П. Данилова, С.А. Иванова, В.Н. Леженина, Г.К. Матвеева, Л.Ю. Михеева, А.М. Нечаева, А.И. Пергамент, В.А. Рясенцев, С.А. Сорокин, Е.А. Фомина ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Захираи эмпирии таҳқиқотро** маълумотҳои оморӣ, маводи таҷрибаи судӣ, таҷрибаи мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти васоят ва парасторӣ ва идораҳои маориф ташкил медиҳанд. Маълумотҳои оморие, ки дар рисолаи мазкур истифода карда шудаанд, аз рӯйи ҳисоботҳои расмии мақомоти судӣ дастрас карда шудаанд. Таҷрибаи судии Суди Олии ҶТ, суди ноҳияи Шаҳринав ва дигар судҳои ҷумҳурӣ дар рисолаи мазкур ҷой дода шудаанд. Самтҳои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла тартиб додани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои риоя накардани Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳо байни ноболиғон ва ҷавонон таҳлил карда шудаанд. Омӯзиш ва таҳлили ҳисоботҳои судӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, парвандаҳои судӣ ва норасогиҳо дар фаъолияти мақомоти ваколатдор дар соҳаи ҳуқуқи кӯдак ба муаллиф имконият додаанд, ки мақсад ва вазифаҳои дар рисола гузошташударо ҳамаҷониба ва пурра таҳлил намуда, барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда таклифҳо пешниҳод намояд.

**Заминаи меъёрии диссертатсия.** Заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии рисоларо Конститутсияи ҶТ, қонунҳои ҷорӣ, кодексҳои ҶТ, фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, барномаҳо ва стратегияҳои давлатии ҶТ дар самти тарбияи кӯдакон ташкил медиҳад. Инчунин ҳангоми тадқиқоти дисертатсионии мазкур Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва таҷрибаи судии судҳои ҷумҳурӣ васеъ истифода шудаанд. Баъзе масъалаҳои тадқиқшаванда аз рӯйи меъёрҳои санадҳои байналмиллалии эътирофнамудаи Тоҷикистон баҳо дода шудаанд. Аз ҷумла, Эъломияи ҳуқуқи башар аз 10.12.1948, Конвенсия дар бораи ҳуқуки кӯдак аз 20.11.1989, Конститутсияи ҶТ аз 6.11.1994, Кодекси граждании ҶТ (қисми 1) аз 30.06.1999, Кодекси оилаи ҶТ аз 13.11.1998, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 31.12.2008, Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998, Кодекси меҳнати ҶТ аз 23.07.2016, Кодекси тандурустии ҶТ аз 30.05.2017, Кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, гражданӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии

ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 02.08.2011, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18.03.2015, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 15.07.2004, Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» аз 22.07.2013, Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19.03.2013 ва дигар қонунҳои ҷорӣ, Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони ҶТ» аз 09.04.1997, Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» аз 22.08.1997, таҳти №383, Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ аз 03.03.2006, таҳти №94 ва ғайраҳо.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур дар Тоҷикистон яке аз аввалин тадқиқотҳои назариявие ба ҳисоб меравад, ки дар он таҳлили маҷмӯии танзими ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар оила оварда шудааст. Дар кор бо дарназардошти вазъи имрӯзаи илми ҳуқуқшиносӣ, маҷмӯи масъалаҳои зерин тадқиқот карда шудаанд: 1) мафҳуми оила ва аҳамияти он дар тарбияи кӯдакон; 2) мафҳуми тарбияи кӯдакон аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ; 3) таҳлили доираи амалӣ намудани ваколатҳои субъектони таълиму тарбияи кӯдакон; 4) масъалаҳо вобаста ба ошкор ва ҷобаҷокунии кӯдакони ятим ва кӯдакони бе парасторнии падару модар монда ва шаклҳои ҷобаҷокунии онҳо. Навгонии илмии кор бо натиҷаи фарогири тадқиқот муайян карда шуда, дар он аввалин маротиба ё ба таври нав муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда ошкор ва асоснок карда мешавад.

Тадқиқоти илмии анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки **нуктаҳои илмии** зерин ба ҳимоя пешкаш карда шаванд:

1. Асоснок карда шудааст, ки тарбия ин ҷараёни бефосила ва меъёрию танзимшаванда мебошад, ки тавассути субъектҳои махсус амалӣ карда шуда, барои баланд бардоштани қобилияти зеҳнии кӯдак ва омодагии он ба ҳаёти мустақилона равон карда мешавад. Тарбия дорои хусусиятҳои зерин мебошад, ки аз дигар намудҳои фаъолияти иҷтимоӣ фарқ мекунад:

– тарбия ин ҷараёни дақиқ муайяншуда аст, яъне, ҳар як марҳилаи тарбия, мақсад, вазифаи тарбия бо қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд (Кодекси оилаи ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф»). Субъектони тарбия аз доираи ваколатҳои худ баромада наметавонанд, зеро бо қонунгузорӣ барои иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби вазифаҳо оид ба тарбияи ноболиғон ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст.

– тарбия, пеш аз ҳама, барои таъсиррасонии равонии кӯдак нигаронида шудааст. Ин хусусият аз мақсади тарбия низ бармеояд. Зеро яке аз мақсадҳои асосии тарбия ин баланд бардоштани қобилияти зеҳнии кӯдак мебошад ва субъектони тарбия барои ноил шудан ба ин мақсад ба ҳолати равонии кӯдак таъсири бевосита расонида метавонанд.

– раванди тарбия субъектҳои муайяни худро дорад. Субъектҳои тарбия бо қонунгузорӣ муайян карда шудаанд, ки ба онҳо падару модарон, омӯзгорон, давлат ва ҷомеа дохил мешаванд.

– тарбия табиати беинтиҳо дорад. Моҳияти хусусияти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки тарбия аз падидаҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ, динию сиёсӣ, урфу одат ва анъанаҳо, арзишҳо ва фарҳанги миллӣ иборат буда, аз мавҷудият оғоз гардида то охири ҳаёт идома меёбад. Синну соли муайян ё ягон шароит вуҷуд надорад, ки ҳангоми расидан ба он ҷараёни тарбия қатъ карда шавад. Вале аз моҳияти қонунгузорӣ бармеояд, ки шахс дар синну соли муайян объект ва дар синну соли муайяни дигар субъекти тарбия мебошад. Бинобар ин, инсон то охири ҳаёти худ иштирокчии ҷараёни тарбия мебошад.

2. Дар қонунгузории амалкунанда мафҳуми расмии оила вуҷуд надорад. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар мафҳуми оила тарбияи кӯдакон яке аз масъалаҳои маркази оиларо ташкил медиҳад. Аз лаҳзаи таваллуди кӯдак муносибатҳои байни ҳамсарон бо дарназардошти манфиатҳои ӯ ба роҳ монда мешавад. Тарбия аз лаҳзаи таваллуди кӯдак оғоз меёбад. Шакл ва шиддатнокии он вобаста ба синну соли кӯдак тағйир меёбад. Мафҳуми тарбия инчунин ҳолатеро, ки кӯдакон аз таҳти назорати бевоситаи падару модарон дур мондаанд, низ дар бар мегирад (масалан, ҳангоми падару модар дар кор будан, кӯдакон бо рафиқонашон дар кӯчаҳо гаштугузор мекунанд).

3. Асоснок карда мешавад, ки бо мақсади омодагии касбии падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд зарур аст, ки дар назди муассисаҳои таълимӣ ва мактабҳо, корхонаҳо, ташкилотҳо, маҳалҳои зисти онҳо ва марказҳои дастгирии оила «мактабҳои омӯзиши падару модарон» ташкил карда шаванд.

4. Пешниҳод карда мешавад, ки дар Кодекси оилаи ҶТ муқаррароти алоҳида дар бораи танзими ҳуқуқии муносибатҳои дояро ба танзим даровандa ворид карда шавад.

5. Оила ин унсури асосии ҷомеа ҳамчун иттиҳоди озод, ба таври ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқӣ асосёфта буда,чун қоида шавҳар ва зани якумра, ки мақсади онҳо таваллуди кӯдак, тарбияи он, ба қайди давлатӣ гирифтан, ки баъдан байни субъектҳои он ҳуқуқ вазифаҳои тарафайн ба миён меояд. Ҳамин тавр, таҳти мафҳуми оила иттифоқи шахсоне, ки бо акди никоҳ ё ин ки иттифоқи зану мард ё дигар шахсоне, ки ба тариқи расмӣ ба қайд гирифта нашудааст, хочагии умумӣ мебаранд, хусусияти манфиатҳои умумӣ доранд, аз ҷумла ба хешу таборӣ, тарбияи фарзандон, кумаки ҳамдигар асос ёфтааст, фаҳмида мешавад.

6. Мутобиқи м. 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» ба салоҳияти мақоми давлатии ваколатдор оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ ташкил ва пешбурди Махзани ягонаи давлатии маълумот оид ба кӯдакони маъюб, кӯдакони ятим, кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд, дохил мешавад. Вале таҷриба нишон медиҳад, ки то ҳол Махзани ягонаи давлатии маълумот ташкил карда нашудааст ва вуҷуд надорад. Мушкилоти мавҷуда ҳалли фавриро тақозо менамояд. Зеро мақсади Махзани ягонаи давлатии маълумот аз амалӣ намудани баҳисобгирии кӯдакони маъюб, кӯдакони ятим ва кӯдакони бе парастории падару модар мондаанд; мусоидат намудан дар ҷойгир намудани кӯдакон барои тарбия дар оилаҳои шаҳрвандони ҶТ; муҳайё намудани шароит барои амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандоне, ки хоҳиши қабули кӯдаконро барои тарбия дар оилаҳои худ доранд, гирифтани иттилооти пурра ва боэътимод дар бораи кӯдакон иборат аст. Вобаста ба ин муаллиф ҳангоми гузаронидани тадқиқоти диссертатсионӣ роҳҳо ва воситаҳои ташкил ва пеш бурдани Махзанаи мазкурро коркард карда, тағйироти дахлдорро ба қонунгузорӣ пешниҳод намудааст.

7. Ба асосҳои аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум намудан ворид кардани асоси «шахсе, ки бо фоҳишагарӣ машғул аст» ба мақсад мувофиқ аст, зеро шахсе, ки бо фоҳишагарӣ машғул аст (асосан модари кӯдак) бо рафтори бадахлоқонаи худ ба тарбияи кӯдак таъсири манфӣ мерасонад ва ба тарбияи кӯдаки худ аҳамият намедиҳад, барои он ки фоҳишагарӣ барои ин қабил ашхос сарчашмаи асосии даромад буда, ин машғулият барои баъзеҳо кори одатӣ гаштааст.

8. Ташкил намудани бэби–бокс яке аз воситаҳои ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакони навтаваллудшуда ва омили пешгирикунандаи содир шудани ҷиноятҳои мудҳиш муқобили кӯдакони навтаваллудшуда мебошад. Инчунин онҳо метавонанд ҳамчун воситаи ҳифзи сирри занони бе никоҳ таваллуд карда баромад намоянд. Моҳияти бэби-боксҳо инчунин дар он зоҳир мегардад, ки онҳо қадр ва номуси занони

таваллудкардаро ҳимоя мекунанд. Чунончи, тибқи анъанаҳои мусулмонӣ агар зан бе никоҳи мусулмонӣ таваллуд кунад, он зан ҳамчун зани сабукрафтор эътироф гардида, дар ҷомеа обрӯ ва шарафи худро аз даст медиҳад. Бинобар ин, бо мақсади ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакони навтаваллудшуда пешниҳод мекунем, ки бэби-боксҳо дар ҶТ низ ташкил карда шаванд. Зеро танҳо дар давоми солҳои 2016–2018 дар ҶТ зиёда аз 10 ҳолати куштори кӯдакони навзод аз ҷониби модари онҳо ба қайд гирифта шудааст.

9. Ҳуқуқ ба тарбия ҳуқуқҳои зеринро дар бар мегирад:

– ҳуқуқи падару модар ба муоширати шахсӣ бо кӯдак;

– комилҳуқуқии падару модар оид ба тарбияи динии кӯдак;

– комилҳуқуқии падару модар оид ба интихоби шаклҳои таҳсилот ва муассисаҳои таълимӣ барои кӯдак;

– ҳуқуқ ба намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои кӯдакони худ;

– ҳуқуқи додани розигӣ барои фарзандхондии кӯдак ва дигар ҳуқуқҳо.

Ҳамин тариқ, вазъи ҳуқуқии кӯдак дар оила аз маҷмӯи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва молумулкӣ, ки ба қонеъ гардонидани манфиатҳои ӯ равона карда шудаанд ва онҳо бевосита ё тавассути намояндагони қонуниашон амалӣ карда мешаванд, иборат мебошад. Дар заминаи хулосабарориҳои назариявӣ ва таҳлили таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба мукаммалгардонии қонунгузории амалкунанда таклифҳо пешниҳод шудааст. Аз ҷумла, пешниҳод карда мешавад, ки ба Кодекси оилаи ҶТ, Кодекси мурофиавии граждании ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак» тағйироти дахлдор ворид карда шаванд.

**Пешниҳодҳо оид ба такмил додани қонунгузории оилавӣ.** Дар натиҷаи таҳлили меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ва адабиётҳои илмӣ дар соҳаи тарбияи кӯдакон дар оила, бо мақсади такмили минбаъдаи қонунгузорӣ пешниҳодҳои зерин манзур карда мешавад.

**1. Ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**Моддаи 67[1]. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои тарбияткунандагони воқеӣ дар таълим ва тарбияи кӯдакон**

1. Тарбияткунандагони воқеӣ (модаркалон, падаркалон, падарандар ва модарандар, бародарон, хоҳарон, дояҳо ва ғайраҳо), ки кӯдакон воқеан дар таълим ва тарбияи онҳо қарор доранд, дар асоси қонунгузории ҶТ ҳуқуқ доранд, ки дар тарбияи онҳо иштирок намоянд.

**2.** Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҶТ тарбияткунандагони воқеӣ ухдадоранд, кӯдакони дар тарбия ва ё таъминоташон қарордоштаро тарбия ва нигоҳубин намоянд.

**Моддаи 67[2]. Асосҳои пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба тарбияи воқеӣ**

1. Тарбияи воқеӣ дар ҳолатҳои зерин пайдо мешавад:

– бастани шартнома байни падару модар ва тарбияткунандагони воқеӣ дар бораи тарбия ва таъминоти кӯдак;

– ба муносибатҳои никоҳӣ ворид гардидани падару модар бо дигар нафарон, агар онҳо ба тариқи судӣ фарзандхондиро ба расмият надароварда бошанд;

– падару модар дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дошта бошанд, агар кӯдакони онҳо дар тарбия ва таъминоти бобо, бибӣ, бародар, хоҳар ва дигар хешовандонашон қарор дошта бошад, ба истисноии ҳолатҳои дар моддаи 152[1] ҳамин Кодекс пешбинишуда.

2. Тарбияи воқеӣ мумкин аст музднок ва бемузд бошад.

3. Тартиби бастан ва бекор кардани шартнома дар бораи тарбияи кӯдак бо қонунгузории граждании ҶТ ба танзим дароварда мешавад.

**Ба моддаи 69 сархати 7 дар таҳрири зерин илова карда шавад:**

«шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳо муқобили озодӣ ва дахлнопазирии ҷинсии кӯдакони ба синни шонздаҳсола нарасида маҳкум шудаанд»

**Сархати 8 бо таҳрири зерин илова карда шавад:**

«шахсоне, ки ба фоҳишагӣ, ташкил ва ё нигоҳ доштани фоҳишахонаҳо, инчунин даллагӣ бо мақсади ғаразнок машғул мебошанд»

## БОБИ 20[1]. Оилаи парастор

### Моддаи 158[1]. Оилаи парастор

1. Васоят ва парасторӣ дар шакли оилаи (мураббии) парастор нисбати кӯдакони ятим, кӯдакони бе парастории падару модар монда, аз ҷумла кӯдакони дар муассисаҳои таълимӣ, тиббӣ ва дигар ташкилотҳо қарор доранд, муқаррар карда мешавад.

2. Асоси пайдоиши оилаи (мураббии) парастор шартнома дар бораи ба оилаи мураббӣ додани кӯдак мебошад, ки он байни шахсони хоҳиши ба тарбияи гирифтани кӯдакро дошта ва мақомоти васоят ва парасторӣ баста мешавад.

3. Низомнома дар бораи оилаи (мураббии) парастор аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ тасдиқ карда мешавад.

### Моддаи 158[2]. Шартнома дар бораи ба тарбия додани кӯдак ба оилаи (мураббии) парастор

1. Шартнома дар бораи ба тарбия додани кӯдак ба оилаи (мураббии) парастор бояд шартҳои таъминот, тарбия ва таълими кӯдак, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои волидони (мураббиёни) парастор, ӯҳдадориҳои мақомоти васоят ва парасторӣ нисбат ба оилаи (мураббии) парастор, инчунин асосҳо ва оқибатҳои бекор кардани чунин шартномаро пешбинӣ намояд.

Кӯдак барои тарбия ба оилаи (мураббии) парастор дар мӯҳлати муқаррарнамудаи шартнома дода мешавад.

Ба ҳар як кӯдаки ба тарбияи оилаи (мураббии) парастор дода шартномаи алоҳида баста мешавад.

Дар ҳолати ба охир расидани мӯҳлати шартнома дар бораи ба тарбияи оилаи (мураббии) парастор додани кӯдак, дароз намудани мӯҳлати шартнома дар асоси шартномаи нав ба роҳ монда мешавад.

2. Тартиб ва андозаи музди меҳнат ва пардохтҳои пулии оилаи (мураббии) парасторро қонунгузории ҶТ муайян мекунад.

3. Пеш аз мӯҳлат қатъ кардани шартнома дар бораи ба оилаи (мураббии) парастор додани кӯдакон дар ҳолати зерин иҷозат дода мешавад:

1) бо ташаббуси падару модари (мураббии) парастор дар ҳолати мавҷуд будани сабабҳои узрнок (беморӣ, тағйир ёфтани вазъи моддӣ ва оилавӣ, мавҷуд набудани ҳамдигарфаҳмӣ бо кӯдак, муносибатҳои ҷанҷолӣ байни кӯдакон ва ғайра);

2) бо ташаббуси мақомоти васоят ва парасторӣ, ҳангоми пайдо шудани шароитҳои номусоид барои таъминот, тарбия ва таълими кӯдакон;

3) дар ҳолати ба назди падару модараш баргаштани кӯдак, ба хешовандонаш додан ва муқаррар намудани фарзандхондӣ.

### Моддаи 158[3]. Падару модари (мурабии) парастор

1. Падару модари (мураббии) парастор дар муносибат бо кӯдакони ба тарбия гирифтааш тамоми ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои васӣ ва парасторро доро мебошад. Ба онҳо талаботи дар моддаи 148 ҳамин Кодекс пешбинишуда паҳн мешавад.

2. Мақомоти васоят ва парасторӣ дар асоси қоидаҳо дар бораи талабот ба оилаи (мураббии) парастор, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ тасдиқ шудааст, падару модари (мурабии) парасторро интихоб мекунад.

**Моддаи 158[4]. Кӯдаконе, ки нисбати онҳо оилаи (мураббии) парастор таъин карда мешавад**

1. Интихоби пешакии кӯдакон барои дар асоси шартнома ба тарбия додани онҳо ба оилаи (мураббии) парастор аз ҷониби шахсоне, ки хоҳиши ба тарбия гирифтани кӯдаконро доранд бо розигии мақомоти васоят ва парасторӣ ва маъмурияти ташкилотҳое, ки кӯдакон дар он ҷо қарор доранд, амалӣ карда мешавад.

Ҷудо кардани бародарону хоҳарон иҷозат дода намешавад, ба истисноии ҳолатҳое, ки он ба манфиатҳои кӯдакон ҷавобгӯ мебошад ва кӯдакон дар бораи асли худ намедонанд ва онҳо якҷоя зиндагонӣ накарда, якҷоя тарбия нагирифтаанд.

2. Ба оилаи (мураббии) парастор додани кӯдакон бо хоҳиши онҳо амалӣ карда мешавад. Кӯдаконе, ки ба синни даҳсолагӣ расидаанд, танҳо бо розигиашон ба тарбия дода мешаванд.

3. Ба кӯдаке, ки барои тарбия ба оилаи (мураббии) парастор дода шудааст, ҳуқуқ ба гирифтани алимент, нафақа, ёрдампулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоии ба онҳо тааллуқдошта, инчунин ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматӣ ва ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ нигоҳ дошта мешавад. Кӯдаке, ки барои тарбия ба оилаи (мураббии) парастор дода шудааст, дорои манзили истиқоматӣ нест, ӯ ҳуқуқ ба гирифтани манзили истиқоматиро тибқи талаботи қонунгузории манзили ҶТ дорад.

Нигоҳ доштани маблағи пулӣ ва дигар молу мулки кӯдак дар давраи амали шартнома дар бораи ба тарбия додани кӯдакон ба падару модари (мураббии) парастор вогузор карда мешавад.

Кӯдаке, ки барои тарбия ба оилаи (мураббии) парастор дода шудааст, инчунин ҳуқуқҳои дар моддаҳои 55–57[1] ҳамин Кодекс пешбинишударо доро мебошад.

**Моддаи 158[5]. Таъминоти кӯдакони ба оилаи (мурабии) парастор додашуда**

1. Барои таъминоти кӯдаконе, ки ба оилаи (мураббии) парастор дода шудааст, ҳар моҳ тибқи тартиб ва андозаи муқаррарнамудаи Ҳукумати ҶТ маблағи пулӣ пардохт карда мешавад.

2. Мақомоти васоят ва парасторӣ ӯҳдадор аст, ки ба оилаи (мураббии) парастор ёрии зарурӣ расонад, шароити мусоидро барои ҳаёт ва тарбияи кӯдакон фароҳам оварад, инчунин ӯҳдадор аст, ки иҷрои ӯҳдадориҳои ба зиммаи оилаи (мураббии) парастор вогузор шуда оид ба таъминот, тарбия ва таълими кӯдаконро назорат намояд.

## БОБИ 20 [2]. Оилаи меҳмондорӣ

**Моддаи 158[6]. Оилаи меҳмондорӣ**

1. Асос барои додани кӯдакони ба оилаи меҳмондорӣ шартнома дар бораи ба оилаи меҳмондорӣ додани кӯдак мебошад, ки он байни шахсони хоҳиши ба тарбияи гирифтани кӯдакро дошта ва мақомоти васоят ва парасторӣ, инчунин ташкилотҳое, ки кӯдак дар онҷо қарор дорад, баста мешавад.

Оилаи меҳмондорӣ метавонад дар як вақт якчанд кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарасторро ба тарбия гирад.

2. Низомнома дар бораи оилаи меҳмондориро мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ тасдиқ мекунад.

**Моддаи 158[7]. Шартнома дар бораи ба тарбия додани кӯдак ба оилаи меҳмондорӣ**

1. Шартнома дар бораи ба тарбия додани кӯдак ба оилаи меҳмондорӣ бояд шартҳои таъминот, тарбия ва таълими кӯдак, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсоне, ки кӯдаконро ба оилаашон гирифтаанд, уҳдадориҳои мақомоти васоят ва парасторӣ нисбат ба оилаи меҳмондорӣ, инчунин асосҳо ва оқибатҳои бекор кардани чунин шартномаро пешбинӣ намояд.

Кӯдак барои тарбия ба оилаи меҳмондорӣ дар муҳлати муқаррарнамудани шартнома дода мешавад.

Ба ҳар як кӯдаки ба оилаи меҳмондорӣ додашуда шартномаи алоҳида баста мешавад.

Ҳангоми ба тарбия додани кӯдаки ятим ва ё кӯдакони бепарастории падару модар монда маблағ барои таъминоти онҳо ва музди маоши шахсони кӯдакро ба тарбия гирифта пардохт карда намешавад.

3. Пеш аз муҳлат қатъ кардани шартнома дар бораи ба оилаи меҳмондорӣ додани кӯдакон дар ҳолати зерин иҷозат дода мешавад:

1) бо ташаббуси шахсони кӯдаконро ба оилаашон қабулнамуда дар ҳолати мавҷуд будани сабабҳои узрнок (беморӣ, тағйир ёфтани вазъи моддӣ ва оилавӣ, мавҷуд набудани ҳамдигарфаҳмӣ бо кӯдак, муносибатҳои ҷанҷолӣ байни кӯдакон ва ғайра);

2) бо ташаббуси мақомоти васоят ва парасторӣ, ҳангоми пайдо шудани шароитҳои номусоид барои таъминот, тарбия ва таълими кӯдакон;

3) дар ҳолати ба назди падару модараш баргаштани кӯдак, ба хешовандонаш додан ва муқаррар намудани фарзандхондӣ.

4. Шахсони кӯдаконро дар оилаашон қабул намуда уҳдадоранд:

– дар давраи дар оилаашон зиндагонӣ намудани кӯдакон барои ҳаёт ва саломатии кӯдакон масъулият дошта бошанд;

– ҳангоми ба охир расидани муҳлати шартнома кӯдакро ба ташкилоте, ки дар он ҷо қарор гирифтааст, баргардонад;

– дар муддати чордаҳ соат мақомоти васоят ва парасторӣ ва ё ташкилоте, ки кӯдак дар он ҷо қарор дорад, дар бораи пайдо шудани ҳолатҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии кӯдак таҳдид мекунад, бемории кӯдак, ҷароҳати бардоштаи он, ҷойгир намудани онҳо дар муассисаҳои табобатӣ ва ё мақомоти корҳои дохилӣ, хабар расонад;

– дигар муқаррароти Низомнома дар бораи оилаи меҳмондориро риоя намояд.

**Моддаи 158$^{8}$. Кӯдаконе, ки ба оилаи меҳмондорӣ дода мешавад.**

1. Интихоби пешакии кӯдакон барои дар асоси шартнома ба тарбия додани онҳо ба оилаи меҳмондорӣ аз ҷониби шахсоне, ки хоҳиши ба тарбия гирифтани кӯдаконро доранд бо розигии мақомоти васоят ва парасторӣ ва маъмурияти ташкилотҳое, ки кӯдакон дар он ҷо қарор доранд, амалӣ карда мешавад.

Ҷудо кардани бародарону хоҳарон иҷозат дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки он ба манфиатҳои кӯдакон ҷавобгӯ мебошад ва кӯдакон дар бораи асли худ намедонанд ва онҳо якҷоя зиндагонӣ накарда, якҷоя тарбия нагирифтаанд.

2. Ба оилаи меҳмондорӣ додани кӯдакон бо хоҳиши онҳо амалӣ карда мешавад. Кӯдаконе, ки ба синни даҳсолагӣ расидаанд, танҳо бо розигиашон ба тарбия дода мешаванд.

**2. Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»:**

Дар моддаи 4 сархати 8 дар таҳрири зерин ворид карда шавад:

**тарбияи воқеӣ** – муваққатан ва ё доимӣ ба тарбия ва таъминот гирифтани кӯдак (кӯдакон) дар асоси шартнома ва ё бо дигар асосҳое, ки ба қонунгузории ҶТ мухолифат

намекунад (бастани ақди никоҳ бо падару модари кӯдакон, вафот кардани падару модар, дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштан ва ғайра).

Дар моддаи 7 дар номи модда ва дар матни он пас аз калимаи «падару модар» калимаи «тарбияткунандаи воқеӣ» илова карда шавад.

Дар моддаи 8 дар номи модда ва матни он пас аз калимаи «падару модар» калимаи «тарбияткунандаи воқеӣ» илова карда шавад.

**3. Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак»:**

**Ба моддаи 1 сархати 9 дар таҳрири зерин илова карда шавад:**

Феҳристи ягонаи давлатӣ дар бораи кӯдакони маъюб, кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории падару модар монда дар ҶТ ин маҷмӯи манбаъҳои маълумоти давлатӣ, ки дар сатҳи ҶТ ташкил карда мешавад, технологияи иттилоотӣ, ки имконияти амалӣ намудани ҷамъ кардани маълумот, коркард кардани он, нигоҳ доштан, кофтуков кардан, бақайдгирии пешакии кӯдакони маъюб, кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории падару модар монда, пешниҳод намудани ҳуҷҷатгузорӣ дар бораи кӯдакони бепарастории падару модар монда, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ дар оилаҳои шаҳрвандони ҶТ, ки хоҳиши ба тарбия гирифтани кӯдаконро дорад, инчунин маълумот дар бораи шаҳрвандоне, ки хоҳиши ба тарбия гирифтани кӯдаконро доранд ва аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи талаботи моддаи 123 Кодекси оилаи ҶТ ҷобаҷогузории кӯдаконро барои тарбия дар оила ва мақомоти васояту парасторӣ ташкил мекунанд.

**Моддаи 34 $^{1}$ дар таҳрири зерин илова карда шавад.**

**Моддаи 34$^{1}$. Тарбияткунандагони воқеӣ**

1. Тарбияткунандагони воқеӣ (модаркалон, падаркалон, падарандар ва модарандар, бародарон, хоҳарон, дояҳо ва ғайраҳо), ки кӯдакон воқеан дар таълим ва тарбияи онҳо қарор доранд, дар асоси қонунгузории ҶТ ҳуқуқ доранд, ки дар тарбияи онҳо иштирок намоянд.

**2.** Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҶТ тарбияткунандагони воқеӣ ухдадоранд, кӯдакони дар тарбия ва ё таъминоташон қарордоштаро тарбия ва нигоҳубин намоянд.

**БОБИ 5$^{1}$. Феҳристи ягонаи давлатӣ дар бораи кӯдакони маъюб, кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории падару модар монда дар ҶТ**

**Моддаи 46$^{1}$. Талабот барои ташкил ва истифодаи Феҳристи ягонаи давлатӣ дар бораи кӯдакони маъюб, кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории падару модар монда дар ҶТ**

1. Феҳристи ягонаи давлатӣ дар бораи кӯдакони маъюб, кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории падару модар монда дар ҶТ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ ва мақомоти васоят ва парасторӣ ташкил карда мешавад.

2. Маълумоте, ки дар Феҳристи ягонаи давлатӣ ҷойгир карда шудааст, захираи давлатии электронӣ ба шумор меравад.

**Моддаи 46$^{2}$. Ташкил кардани Феҳристи ягонаи давлатӣ дар бораи кӯдакони маъюб, кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории падару модар монда дар ҶТ**

1. Тартиби ташкил ва истифода кардани Феҳристи ягонаи давлатиро мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ муайян мекунад.

2. Мақомоти васоят ва парасторӣ маълумоте, ки барои пеш бурдани Феҳристи ягонаи давлатӣ дар бораи кӯдакони маъюб, кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории

падару модар монда дар ҶТ пешниҳод намудааст, ҳуқуқи истифодаи чунин маълумотро дорад.

Пешниҳод кардани маълумот дар бораи кӯдакони бе парастории падару модар монда мақомоти васоят ва парасториро аз ӯҳдадории ҷо ба ҷо кардан ва ё ташкил намудани ҷобаҷокунии кӯдакон дар оилаҳои шаҳрвандони ҶТ, ки дар ҳудуди ҶТ доимӣ зиндагонӣ мекунанд озод намекунад.

3. Шахсоне, ки хоҳиши ба тарбия гирифтани кӯдакони ятим ва кӯдакони бе парастории падару модар мондаро дар оилаҳои худ доранд, ба мақомоти васоят ва парасторӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ё дар Феҳристи ягонаи давлатӣ дар бораи худ маълумотҳои зарурӣро барои дар минбаъда ба қайд гирифтан, пешниҳод мекунанд.

4. Шахсоне, ки хоҳиши ба тарбия гирифтани кӯдакони ятим ва кӯдакони бе парастории падару модар мондаро дар оилаҳои худ доранд, ҳуқуқ доранд, ки онро дар тамоми вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо, новобаста аз ҷойи истиқоматӣ худ, амалӣ намоянд.

**Моддаи 46$^{3}$. Дастрасӣ ба махфияти маълумот дар бораи кӯдакони ятим, кӯдакони бе парастории падару модар монда**

1. Дастрасии шахсоне, ки хоҳиши ба тарбия гирифтани кӯдакони ятим ва кӯдакони бе парастории падару модар мондаро дар оилаҳои худ доранд, ба маълумотҳо дар бораи кӯдакони ятим, кӯдакони бе парастории падару модар монда ба шарте иҷозат дода мешаванд, ки агар онҳо худро дар Феҳристи ягонаи давлатӣ дар бораи кӯдакони маъюб, кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории падару модар монда дар ҶТ ба қайд гирифта бошанд ва ӯҳдадории ошкор накардани маълумотҳои дар он ҷо мавҷудбударо ба зимма гирифта бошанд.

2. Маълумотҳои махфӣ дар бораи кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории падару модар монда мумкин аст аз ҷониби мақомоти васоят ва парасторӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҷойи истиқомати кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории падару модар монда ва мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ барои ташкил намудани маълумотҳои дахлдор истифода намоянд.

Истифода намудани маълумотҳои дахлдор дар бораи кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории падару модар монда бо мақсади тиҷоратӣ мумкин нест.

Ба маълумотҳои дахлдор дар бораи кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории падару модар монда, маълумотҳо дар бораи ҷинс, синну сол, ҳолати саломатӣ, хислат, сабабҳои набудани парастории падару модар, мавҷудияти бародарону хоҳарон, хешовандони болиғ, инчунин шаклҳои имконпазирии ҷобаҷокунии онҳо дар оилаҳо ва сурати кӯдакон дохил мешавад, ки онҳо дар Феҳристи ягонаи давлатӣ ҷойгир карда мешавад.

**Моддаи 46$^{4}$. Қатъ гардидани маълумотҳо дар бораи кӯдаки ятим, кӯдаки бе парастории падару модар монда ва шахсоне, ки хоҳиши ба тарбия гирифтани кӯдакро доранд, аз Феҳристи ягонаи давлатӣ дар бораи кӯдакони маъюб, кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории падару модар монда дар ҶТ**

Асосҳои қатъ гардидани баҳисобгирии маълумот дар бораи кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастор аз Феҳристи ягонаи давлатӣ **дар бораи** кӯдакони маъюб, кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории падару модар монда дар ҶТ инҳо мебошанд:

а) ҷобаҷокунии кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастор дар оилаҳо;

б) баргаштани кӯдакони бе парастории падару модар монда ба назди падару модарашон;

в) ба синни балоғат расидани кӯдакони ятим, кӯдакони бе парастории падару модар монда ва ё дорои қобилияти пурраи амал эълон карда шудани онҳо;

г) вафот кардани кӯдакони ятим ва ё кӯдакони бепарастории падару модар монда;

д) ба тариқи судӣ бедарак ғоибгардида эълон намудани кӯдакон ва ё фавтида эълон кардани кӯдак.

2. Асосҳои қатъ гардидани баҳисобгирии маълумот дар бораи шахсоне, ки хоҳиши ба тарбия гирифтани кӯдаконро доранд, аз Феҳристи ягонаи давлатӣ:

а) барои тарбия ба оилаи худ қабул намудани кӯдак;

б) ба тариқи хаттӣ муроҷиат намудани шахсоне, ки хоҳиши ба тарбия гирифтани кӯдаконро дорад, дар бораи қатъ кардани баҳисобгирии онҳо;

в) тағйир ёфтани ҳолатҳое, ки ба шахс имконияти барои тарбия гирифтани кӯдак пешбинӣ шуда буд;

г) вафот кардани шахсоне, ки хоҳиши ба тарбия гирифтани кӯдаконро дорад.

**Моддаи 46⁵. Ҷавобгарӣ барои вайрон намудани тартиб ва мухлати пешниҳод намудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатӣ дар бораи кӯдакони маъюб, кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории падару модар монда дар ҶТ, фош кардани маълумот дар бораи кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории падару модар монда**

Шахсоне, ки барои вайрон намудани тартиб ва мухлати пешниҳод намудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатӣ дар бораи кӯдакони маъюб, кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории падару модар монда дар ҶТ, инчунин барои фош намудани маълумот дар бораи кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории падару модар монда гунаҳкоранд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Аҳамияти назариявии рисолаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки маводи ин рисола фаҳмишҳои илмии тарбияи кӯдакро мукаммал гардонида, барои тадқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамояд. Нуктаҳо ва тавсияҳое, ки дар рисола пешбинӣ шудаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбия, таълим дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи кӯдак, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии падару модар дар таълиму тарбияи кӯдакон дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони ҳуқуқшинос истифода шаванд. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқот метавонанд ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқи инсон ва дар умум сатҳи тарбияи насли наврас дар ҷомеа хизмат кунанд.

Аҳамияти амалии тадқиқот дар муҳиммияти пешниҳодҳои ташаккулнамуда ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили батанзимдарории ҳуқуқии тарбияи кӯдакон муайян карда мешавад. Хулосаҳои дар диссертатсия фарогирифта, тавсияҳо, маводи илмӣ метавонанд дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиккунӣ истифода шаванд, аз ҷумла дар мақомоти ҳокимияти иҷроия, таҷрибаи судӣ, дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҳангоми коркарди минбаъдаи масъалаҳои батанзимдарории ҳуқуқии тарбия, инчунин дар ҷараёни таълими курси ҳуқуқи оилавӣ дар факултетҳои ҳуқуқшиносӣ.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот**. Рисола дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои ҶТ омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои шуъбаи номбурда муҳокима шудааст. Нуктаҳои асосии тадқиқот дар конференсияҳои зерин дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд:

мизи мудаввар дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории пешгирии зӯроварӣ дар оила дар ҶТ (19.04.2018 шаҳри Душанбе), дар семенар-машғулиятҳои ҳармоҳаи судяҳои судҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ноҳияҳои шаҳри Душанбе ва судяҳои Суди Олии ҶТ, дарсҳои таълимӣ дар Маркази таълимии судяҳои Суди Олии ҶТ.

Муқаррароти асосии тадқиқот дар кори амалии муаллиф, ки зиёда аз 20 сол дар низоми судӣ фаъолият намудааст истифода карда шудааст. Ба ғайр аз ин, натиҷаҳои кори мазкур ҳангоми ба ҳайси тренер дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии ҶТ дарс гуфтан истифода шудаанд. Муаллиф дар таҳияи Тафсир ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак» ва таҳияи Лоиҳаҳои Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ, ҷамъбасти амалияи судӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ ва оилавӣ бевосита иштирок намудааст. Оид ба масъалаҳои таҳқиқот дар мавзӯъҳои зӯроварӣ дар оила, масъулияти падару модар, оид ба муқаррароти меъёрҳои Кодекси Оилаи ҶТ якчанд маротиба ба тариқи телевизион, радио, рӯзнома, маҷаллаҳо ва вохӯрӣ бо коллективҳои меҳнатии корхонаҳо муассисаҳо, ташкилотҳо ва аҳолӣ бо маърӯзаҳо баромад намудааст. Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия муаллиф 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти ҶТ ва Федератсияи Россия ба табъ расонидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба он тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Сохтори рисола вобаста ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот аз се боб, ҳашт зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 238 саҳифаро ташкил медиҳад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрам будани мавзӯи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи он, объект, мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои тахқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

**Боби якуми** диссертатсия «**Масоили назариявӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Дар **зербоби аввали** ин боб – «**Ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон**» масъалаҳои таърихии тарбияи кӯдакон дар давраҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф зикр мекунад, ки тарбияи насли наврас ҳамеша на танҳо зарур буд, балки шарти рушди минбаъдаи ҷомеаи инсонӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ҳар як давраи таърихӣ масъалаҳои тарбияи кӯдакон бо санадҳои меъёрии муайян ба танзим даровarda мешуд.

Нақши падару модар дар ҷомеа ва оила дар тарбияи кӯдакон дар асарҳои мутаффакиронии бузурги форсу тоҷик, ба монанди Абӯабдулло Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абунаср Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абураҳмон Берунӣ, Абубакр ар-Розӣ, Унсурмаолии Кайковус, Саъдии Шерозӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Ҷалолиддин Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, ва дигарон ҷойи махсусро ишғол намудааст.

Муаллиф инкишофи ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакро дар сарзамини таърихии тоҷикон ба чор марҳила ҷудо сохтааст: 1) давраи зардуштӣ; 2) давраи исломӣ; 3) давраи шӯравӣ; 4) давраи муосир.

Тарбияи оилавии кӯдакон дар оилаҳои мардуми форсизабон мисли дигар мардуми шарқ бисёр сахтгирона буд. Масалан, дар Эрон кӯдак то синни 7 солагӣ озод буда, нисбати он ягон маҳдудият муқаррар карда намешуд. Аммо бо баробари расидан ба ин синну сол кӯдак ҳуқуқ дошт, ки то се маротиба нофармонӣ кунад, маротибаи чорум бошад вайро ҷазои қатл интизор буд.

То таъсиси давлати шӯравӣ сарчашмаи асосии ба танзим даровардани масъалаҳои никоҳӣ-оилавӣ ва таълиму тарбия дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ меъёрҳои шариат ба ҳисоб мерафт. Ислом ҳамчун дин ва ҳамчун тамаддун ба масъалаи тарбияи кӯдакон диққати махсус медиҳад. Дар ҳадиси пайғамбар Муҳаммад (с) омадааст: «Чизи аз ҳама беҳтарин, ки падару модар ба фарзанди худ медиҳад, беподош мебахшад, ин тарбияи хуб аст» ё дар ҳадиси дигар омадааст «барои падар тарбияи фарзанд муҳимтар ва пурқиматтар аст, нисбат ба додани садақаи зиёди ҳаррӯза».

Муаллифи диссертатсия зикр кардааст, ки мутобиқи шариат баъди «разоат» давраи «хазонат» фаро мерасид, ки ба ду қисмат ҷудо мешавад. Дар ибтидо кӯдакон аз бисёр ҷиҳат ба меҳрубонии модар ва нигоҳубини ӯ эҳтиёҷ доштанд. Ба ин, хусусан, писарбачаҳо то 7-солагӣ ва духтарон то 9-солагӣ зарурат доштанд. Дар қисмати дувуми «хазонат» баъди ба синни 7-солагӣ расидан, писарбачаҳо ба ғамхорӣ ва тарбияи падарӣ эҳтиёҷ доштанд. Маҳз дар ҳамин давра, то давраи балоғат кӯдакон ҳатман бояд маълумот, тахассус гиранд ва ба ҳаёти мустақилона омода шаванд. Бинобар ин, модар кӯдакро ба нигоҳубини падар, писарон баъди 7 сола ва духтарон баъди 9 сола, месупорид:.

Ба андешаи муаллиф таъсиси Иттиҳоди Шӯравӣ низоми ҳуқуқӣ ва давлатии ҷаҳонро тағйир дод. Зеро сохти нави ҷамъиятӣ бо номи сохти «сотсиалистии ҷамъиятӣ» ба вуҷуд омад. Хусусияти фарққунандаи қонунгузории оилавии замони шӯравӣ дар он буд, ки мавқеи урфу одат дар батанзимдарории муносибатҳои оилавӣ бо меъёрҳои қонун ва санадҳои дигари қонунгузорӣ маҳдуд карда шуда буданд.

Ба назари муаллиф, бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ боз ду марҳилаи рушди қонунгузории оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷудо намудан мумкин аст:

- марҳилаи якум, аз соли 1991 то моҳи августи соли 2011. Дар ин марҳила Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дигар қабул гардиданд;

- марҳилаи дуюм, аз моҳи августи соли 2011 то замони имрӯза**.** Дар ин давра Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак», ҳамчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дар шакли нав қабул гардиданд.

Дар **зербоби дуюми** боби якум – «**Мафҳум ва субъектҳои ҳуқуқ ба тарбия**» муаллиф мафҳум ва хусусиятҳои тарбия ва субъектони асосии тарбияро баррасӣ кардааст. Муаллиф андешаву назари олимони гуногунро омӯхта ва таҳлил намуда, хусусиятҳои тарбияро пешниҳод сохтааст. Тарбия дорои хусусиятҳои зерин мебошад, ки аз дигар намуди фаъолияти иҷтимоӣ фарқ мекунад:

- тарбия ин ҷараёни дақиқ муайяншуда аст, яъне, ҳар як марҳилаи тарбия, мақсад ва вазифаи тарбия бо қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд

(Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»). Субъектони тарбия на танҳо аз доираи ваколатҳои худ баромада наметавонанд, инчунин уҳдадориҳои худро бояд дақиқ иҷро намоянд, зеро бо қонунгузорӣ барои иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби вазифаҳо оид ба тарбияи ноболиғон ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст.

- тарбия, пеш аз ҳама, барои таъсиррасонии равонии кӯдак нигаронида шудааст. Ин хусусият аз мақсади тарбия низ бармеояд. Зеро яке аз мақсадҳои асосии тарбия ин баланд бардоштани қобилияти зеҳнии кӯдак мебошад ва субъектони тарбия барои ноил шудан ба ин мақсад ба ҳолати равонии кӯдак таъсири бевосита расонида метавонанд.

- раванди тарбия субъектҳои муайяни худро дорад. Субъектҳои тарбия бо қонунгузорӣ муайян карда шудаанд, ки ба онҳо падару модарон ва шахсони онҳоро ивазкунанда, омӯзгорон, давлат ва ҷомеа дохил мешаванд.

- тарбия табиати беинтиҳо дорад. Моҳияти хусусияти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки тарбия аз падидаҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ, динию сиёсӣ, урфу одат ва анъанаҳо, арзишҳо ва фарҳанги миллӣ аз мавҷудият оғоз гардида, то охири ҳаёт идома меёбад. Синну соли муайян ё ягон шароит вуҷуд надорад, ки ҳангоми расидан ба он ҷараёни тарбия қатъ карда шавад. Вале аз моҳияти қонунгузорӣ бармеояд, ки шахс дар синну соли муайян объект ва дар синну соли муайяни дигар субъекти тарбия мебошад. Бинобар ин, инсон то охири ҳаёти худ иштирокчии ҷараёни тарбия мебошад.

Ҷараёни объективии тарбиявӣ робитаҳои байниҳамдигарии васеъ ва бисёрҷонибаи кӯдакро ҳамчун субъекти пешрафтаи фаъолият бо муҳити зисти табиӣ-иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, бо шахсони калонсол ифода менамояд. Дар ин робитаи байниҳамдигарӣ кӯдакон, дар навбати худ субъекти худтағйирёбӣ ва объекти таъсирот ҳисоб мешаванд, ки ба шарофати ин онҳо ҳамчун узви ҷомеа, шахсияти инсонӣ ва фардият ба камол мерасанд ва ба шароити ҳаёти иҷтимоӣ ва истеҳсолот мутобиқ мегарданд.

Диссертант чунин ақида дорад, ки Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қобилияти амали ноболиғонро муайян намудааст, ки онро ба се гуруҳ тақсим намудан мумкин аст: якум, қобилияти амали ноболиғони ба синни 14 сола нарасида, дуюм, қобилияти амали ноболиғони аз 14 то 18 сола ва сеюм бошад, қобилияти амали шахсони то расидан ба синни 18 сола дорои қобилияти пурраи амал эътироф гардидаанд: а) бастани ақди никоҳ то ба синни 18 сола расидан ва б) эмансипатсия.

Аз ин рӯ, ҷавобгарии молу мулкии ин се гурӯҳ шахсон низ тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври гуногун муайян карда шудааст, аз ҷумла, аз рӯйи аҳди ноболиғи ба синни чордаҳ нарасида, аз ҷумла аҳде, ки ӯ мустақилона анҷом додааст, масъулияти молу мулкиро волидайн, фарзандхондагон ва васиён бар дӯш доранд, агар исбот накунанд, ки уҳдадорӣ бо гуноҳи онҳо вайрон шудааст. Ин шахсон ҳамчунин тибқи қонунгузорӣ барои зиёни расонидаи ноболиғон низ масъулият доранд.

Ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола аз рӯйи аҳдҳое, ки мутобиқи қонун анҷом додаанд, мустақилона масъулияти молу мулкӣ бар дӯш доранд. Чунин ноболиғон барои зиёни расонидаашон худ масъулият доранд. Волидайн, фарзандхондагон ва парастор аз рӯйи уҳдадориҳои ноболиғи дорои қобилияти пурраи амал (эмансипатсия) - шуда ва шаҳрванди ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасида, издивоҷ намуда аз рӯйи уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи зиёни расонидаи онҳо ба миён омадаанд, ҷавобгар нестанд.

Муаллиф ибрози ақида менамояд, ки ба ин меъёрҳои Кодекси граждании нигоҳ накарда ҳангоми муайян намудани ҷавобгарии падару модарон (васӣ ва ё парастор, фарзандхондагон) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар

дар таълиму тарбияи фарзанд» чунин тафриқагузорӣ намекунад, яъне падару модарон (васӣ ва ё парастор, фарзандхондагон) ё дигар субъектони тарбия новобаста аз синну соли ноболиғ барои тарбияи кӯдакони то синни 18 сола нарасида, новобаста аз сатҳи гуноҳашон ҷавобгарии якхеларо муайян намудааст.

Инчунин муаллиф ақидаи олимони гуногун ва адабиётҳои ҳуқуқиро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки оид ба ин масъала дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ва байни олимон ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Масалан, аксари олимони сивилистии шӯравӣ ба он ақидаанд, ки вогузор намудани ҷавобгарӣ ба падару модар ва ё парасторон дар он сурат ҷой дошта метавонад, ки гуноҳи онҳо мавҷуд бошад (Ойгензихт В.А.). Гурӯҳи дигарашон бошанд чунин ҳисобидаанд, ки набояд ҷавобгарӣ ба падару модар вогузор карда шавад, агар он дар натиҷаи бепарвоии одии падару модар рух дода бошад, агар онҳо кӯдаконро беихтиёрона сар дода бошанд. Бинобар ин, барои ба ҷавобгарӣ кашидани падару модар бояд бепарвоии дағалонаи падару модар ҷой дошта бошад (М.М.Агарков).

Ба андешаи муаллиф гуё, ки дар ин ҷо як дараҷа номутобиқатӣ байни меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дошта бошанд. Аммо дар асл бошад, байни меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ноболиғон ва ҷавобгарии шахс барои кирдори шахсони сеюм ягон хел номутобиқатӣ ҷой надорад. Зеро меъёрҳои ҳуқуқӣ-гражданӣ муносибатҳои хусусиро танзим менамоянд, меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ бошанд, муносибатҳои ҳуқуқи оммавиро ба танзим медароранд.

Дар зербоби сеюми боби якум “**Ҷанбаҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон**” масъалаҳои ҳуқуқӣ-байналмилалии тарбияи кӯдакон таҳлил гардидаанд. Дар он муаллиф аз рӯйи усули муқоисавӣ санадҳои меъёрии байналмилалӣ ва як қатор давлатҳои дигарро таҳлил намуда, зикр кардааст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ухдадориҳои байналмилалии худ ва амалӣ гардонидани арзишҳои миллии дар Конститутсия ва қонунҳо ҷойдошта, инчунин урфу одат ва анъанаҳои миллии давлатдории тоҷиконро пос дошта, бо дарназардошти таҷрибаи қонунгузории дигар давлатҳо аз рӯзҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ таваҷҷуҳи хосаро ба ятимон, маҷрӯҳон, бепарасторон ва кӯдакон аз оилаҳои камбизоат равона намудааст. Он на танҳо таълиму тарбияи онҳоро ба зимма гирифт, балки барои омода намудани онҳо ба ҳаёти мустақилона тадбирҳои доимӣ меандешад.

**Боби дуюми** диссертатсия «**Масоили ҳуқуқӣ- оилавии тарбияи кӯдакон дар оила**» ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

**Зербоби якуми** ин боб ба масъалаи «**Дастгирии давлатии оила ҳамчун шарти тарбияи кӯдакон** « бахшида шудааст. Дар зербоби мазкур дастгирии давлатии оила ба соҳаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳбандӣ карда шудааст.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки давлат арзиши оиларо барои ҳаёт ва инкишофи инсон, аҳамияти мавқеи он дар ҷомеа, тарбияи насли наврас, таъмини устуворӣ ва пешрафти ҷомеа, зарурияти ба эътибор гирифтани манфиати оила, ҳамчунин қабули тадбирҳои махсуси дастгирии иҷтимоии он медонад.

Диссертант қайд менамояд, ки дастгирии давлатии оила сарчашмаи байналмилалӣ дорад. Зеро тибқи Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ оила ячейкаи асосӣ ва табиии ҷомеа ба ҳисоб рафта, вобаста ба имкониятҳо бояд ҳимоя ва дастгирии аз ҳама васеъро расонидан лозим аст, хусусан дар лаҳзаҳои ташкил кардани он, вақте ки

ба зиммаи он масъулияти нигоҳубини кӯдакони ноболиғ ва тарбияи онҳо вогузор аст. Акди никоҳ бояд бо розигии озоди акди никоҳкунандагон баста шавад.

Муаллиф адабиётҳои ҳуқуқиро таҳлил намуда, мафҳуми оиларо пешниҳод намудааст, ки тибқи он оила ин унсури асосии ҷомеа ҳамчун иттиҳоди озод, ба таври ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқӣ асосёфта буда,чун қоида шавҳар ва зани якумра, ки мақсади онҳо таваллуди кӯдак, тарбияи он, ба қайди давлатӣ гирифтан, ки баъдан байни субъектҳои он ҳуқуқ вазифаҳои тарафайн ба миён меояд. Ҳамин тавр, таҳти мафҳуми оила иттифоқи шахсоне, ки бо акди никоҳ ё ин ки иттифоқи зану мард ё дигар шахсоне, ки ба тариқи расмӣ ба қайд гирифта нашудааст, хоҷагии умумӣ мебаранд, хусусияти манфиатҳои умумӣ доранд, аз ҷумла ба хешу таборӣ, тарбияи фарзандон, кумаки ҳамдигар асос ёфтааст, фаҳмида мешавад.

Ба андешаи муаллиф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зерини дастгирии давлатии оила мавҷуд аст: 1) тадбирҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ; 2) тадбирҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ; 3) тадбирҳои пешгирикунанда.

**Зербоби дуюми** боби дуюм «**Ҷараёни тарбия дар оила ва асосноккунии он дар қонунгузорӣ**» ном дорад. Муаллифи диссертатсия дарҷ мекунад, ки бо баробари анҷом расидани ҷанги дуюми ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳуқуқҳои асосии инсон, шаъну эътибор ва қадру қимати шахсияти инсонӣ равона гардид, ки он инъикоси худро дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дарёфтааст.

Муаллиф ба хулоса омадааст, ки аз шумораи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки барои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ва тарбияи он дар оила равона гардидааст, ҷойи махсусро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ишғол менамояд. Қонуни мазкур ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар ва шахсоне, ки онҳоро дар таълиму тарбияи фарзанд иваз мекунанд, мушаххас менамояд.

Муаллифи диссертатсия меъёрҳои қонуни зикргардидаро аз ҷиҳати илмӣ таҳлил ва тафсир карда, ба хулоса омадааст, ки баҳри бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва такмил додани қонунгузорӣ якчанд таклифҳои илман асоснок пешниҳод намояд.

Ба ақидаи муаллиф ба кафолати қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба тарбияи кӯдакон дар оила нигоҳ накарда, мушкилиҳои зиёде мавҷуданд, ки барои ҷойи худро дар оила муайян намудан ё ба таври дигар ифода намоем, барои амалӣ намудани ҳуқуқи худ ба ҳаёт бурдан ва тарбия ёфтан дар оила, халал ворид мекунанд. Ба ақидаи диссертант мушкилотҳое, ки ба тарбияи кӯдакон бевосита таъсир мерасонанд, аз инҳо иборат аст:

- бекор кардани акди никоҳ;
- муҳоҷирати меҳнатӣ;
- модарони танҳое, ки кӯдак тарбия менамояд;
- даст кашидани занон-модарон аз тифли навзод;
- дузанагӣ ва ё серзанагӣ;
- кам кардани синни никоҳӣ ;
- содир намудани ҷиноят аз тарафи ноболиғон.

Яъне, ба ақидаи муаллиф ин омилҳое мебошанд, ки бартараф намудани онҳо ва дастгирии давлатӣ барои ин гуна шахсон барои тарбияи насли наврас ва оромию суботи ҷомеа мусоидат хоҳад намуд.

**Зербоби сеюми** боби дуюм – «**Мафҳум ва ҳадди татбиқи ҳуқуқи падару модарон ва шахсоне, ки дар тарбияи кӯдакон онҳоро иваз менамоянд**» номгузорӣ шуда, дар он доираи ҳудуди амалӣ намудани ҳуқуқҳои субъектони тарбия, аз ҷумла

падару модар мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар зербоби мазкур муаллиф тарбияи кӯдакро ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқии байни тарбияткунанда ва тарбиягиранда мавриди баррасӣ қарор додаast.

Мафҳуми амалӣ намудани ҳуқуқи падару модар дар тарбияи кӯдак, ҳамчунин ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модарро дар тарбияи кӯдак фаро мегирад. Ба андешаи муаллиф амалишавии ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар набояд бар хилофи манфиатҳои фарзандон татбиқ шаванд. Таъмини манфиатҳои фарзандон бояд мавзӯи асосии ғамхории давлату ҷомеа ва падару модар бошад.

Муаллиф адабиётҳои ҳуқуқиро оид ба ин масъала омӯхта қайд менамояд, ки ин ҳуқуқу уҳдадории падару модар ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Ӯ қайд менамояд, ки гурӯҳе аз олимон онро принсипи амалӣ намудани ҳуқуқҳои падару модарон медонанд, гурӯҳи дигар бошад, дар онҳо қоидаҳои ҳудуди умумии татбиқи ҳуқуқҳоро мебинанд, гурӯҳи сеюм бошад, онро ба шароити татбиқи ҳуқуқи субъективӣ махсуб медонанд. Муаллиф ба он ақидааст, ки манфиатҳои кӯдак ин ҳудуди амалӣ намудани ҳуқуқи падару модарон ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда буда, риоя накардани ин ҳудудҳо ҷавобгарии муайяни ҳуқуқиро пеш меоварад.

Ба андешаи муаллиф, дар ҷараёни тарбияи кӯдакон манфиати падару модарон аз он иборат аст, ки кӯдаконро дар рӯҳияи дӯстдорӣ, эҳтиром, меҳрубонӣ, покдилӣ, ҳақиқатнокӣ, бовиҷдонӣ, боинсофӣ, шарафмандӣ, қарзи хизмат ба ватан, ватанпарастӣ ва худшиносии миллӣ тарбия намояд ва аз ҷиҳати ҷисмонӣ,  равонӣ, ахлоқӣ ва зеҳнӣ шахсияти ҳаматарафа пешрафта, ба меҳнати оянда, ҳаёти оилавӣ ва ҷамъиятӣ омодаро тарбия намояд.

Адабиётҳои илмиро мавриди омӯзиш қарор дода, муаллиф чунин мафҳуми манфиати кӯдакро пешниҳод намудааст, ки он мисли маҳаки муайянкунандаи ҳудуди амалӣ намудани ҳуқуқи падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда мебошад, ки барои ба талаботи инсондӯстӣ, адолатнокӣ ва ба тарбия дуруст равонагардида ҷавобгӯ будани кӯдак, ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои он масъуланд.

Диссертант ибрози ақида намудааст, ки мувофиқати манфиатҳои падару модарон ва кӯдакон маънои онро надорад, ки яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ, дар қатори афзалияти манфиатҳои кӯдакон қарор дорад, аз фаъолият мемонад. Он ҳатто ҳангоми муносибатҳои эҳтиёткорона нисбати ҳуқуқҳои падару модарон, мисли он ки вақте, масалан , розигии падару модарон барои фарзандхонӣ ё ба инобат гирифтани фикри кӯдак ҳангоми ҳалли ҳама гуна масъалаи ба манфиати кӯдак дахлдошта нигоҳ дошта мешавад. Вале наздик будани манфиатҳои кӯдак ва падару модари ӯ маънои онро надорад, ки онҳо бо ҳам мувофиқанд.

Дар охир, муаллиф ба хулоса омадааст, ки барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои падару модар барои тарбия дар мухолифат бо манфиати кӯдакон масъулияти ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст. Ӯ масъулиятро дар ин самт ба гурӯҳҳои масъулияти оилавӣ-ҳуқуқӣ, масъулияти маъмурӣ ва масъулияти ҷиноятӣ ҷудо намудааст.

**Боби сеюми** рисола "**Масоили ҳуқуқӣ-оилавии тарбияи кӯдакони бе парастории падару модар монда**" номгузорӣ карда шудааст, ки он аз ду зербоб иборат мебошад.

**Зербоби якуми** боби сеюм, ки "**Муқаррароти умумии шаклҳои ҳуқуқии кӯдакони бе парастории падару модар монда"** ном дошта, дар он ҳар як шакли ҷобаҷогузории кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастор таҳлил карда шудаанд.

Муаллиф зикр намудааст, ки кӯдакон вобаста ба сабабҳои гуногун аз парастории падару модар маҳрум мемонанд: дар натиҷаи вафот кардан ва ё ба бемории вазнин

гирифтор шудани падару модар, ки имконияти ғамхорӣ намудан нисбат ба кӯдакро истисно мекунад; ғайриқобили амал эътироф намудани падару модар; маҳрум кардан ва ё маҳдуд кардани ҳуқуқи падару модарӣ ва ғайраҳо.

Диссертант қайд менамояд, ки дар қонунгузорӣ якчанд ҳолатҳое мавҷуданд, ки парастории падару модарро истисно мекунад. Аз ҷумла, дар асоси талаботи моддаи 122 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон дар ҳолатҳои фавти падару модар, аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум кардани онҳо, маҳдуд кардани ҳуқуқи падару модарӣ, ғайри қобили амал эътироф шудани онҳо, беморӣ ва муддати тӯлонӣ ғайриҳозир будани падару модар, саркашии падару модар аз тарбияи фарзандон ё аз ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, аз ҷумла ҳангоми аз ҷониби падару модар рад кардани гирифтани кӯдакони худ аз муассисаҳои тарбиявӣ, муассисаҳои табобатӣ ва муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар муассисаҳои ба ин монанд, инчунин ҳолатҳои дигари набудани парастории падару модар, ба зиммаи мақомоти васояту парасторӣ гузошта мешавад. Ӯ қайд менамояд, ки дар таҳти мафҳуми дигар ҳолатҳо даст кашидани падару модар аз таъминоти кӯдак фаҳмидан мумкин аст.

Диссертант мазмуни меъёрҳои қонунгузориро оид ба ин масъала таҳлил намуда, ба хулоса омадааст, ки фарқияти байни мафҳумҳои "кӯдакони ятим" ва "кӯдакони бепарастор"-ро бояд тафриқагузорӣ намуд. Ба андешаи ӯ, тафриқагузории байни ин ду мафҳум хусусияти амалӣ дорад, яъне ба андешаи ӯ вобаста ба ин масъала дар адабиётҳои илмӣ зикр гардидааст, ки қонунгузорӣ ба он хотир байни ин ду мафҳум фарқиятро муайян намудааст, ки он шаклҳои ҷобаҷогузории зиндагии кӯдаконро муайян мекунад. Зеро «кӯдакони ятим», пеш аз ҳама, ба фарзандхондӣ дода мешаванд, «кӯдакони бепарастор бошанд, таҳти васоят ва парасторӣ ба оилаи қабулӣ супорида мешаванд.

Муаллиф пешниҳод менамояд, ки мафҳуми шаклҳои ҷобаҷокунии кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастории падару модар монда ин сохти ҳуқуқие мебошад, ки ба кӯдакон имконияти шахсони муайянро бобати тарбия, таълим ва таъминоти онҳо, инчунин ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо доимӣ ва ё муваққатӣ ҷавобгар бошанд, таъмин намояд.

Муаллиф ба хулоса омадааст, ки шаклҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба тарбияи кӯдаконро вобаста ба омилҳои зикргардида чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

- вобаста ба субъекте, ки барои тарбия, таълим ва таъминоти кӯдакон ғамхорӣ мекунад, тамоми шаклҳои ҷобаҷокунӣ ба ду гурӯҳ: "инфиродӣ" ва "ғайриинфиродӣ-коллективӣ" ҷудо мешаванд.

- вобаста ба мӯҳлати ҷобаҷокунии кӯдакон, шаклҳои ҷобаҷокунӣ ба ду гурӯҳ: шаклҳои муваққатӣ ва шаклҳои доимӣ тақсим мешаванд.

**Зербоби дуюми** боби сеюм "**Намудҳои шаклҳои ҳуқуқии тарбияи кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд"** номгузорӣ карда шудааст. Дар зербоби мазкур муаллиф ҳар як шакли ҷобаҷокунии кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарасторро дар алоҳидагӣ таҳлил намудааст.

Ба ақидаи муаллиф афзалиятнокии фарзандхондӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми татбиқи он кӯдакон дар оила таълиму тарбия гирифта,таъмин карда мешаванд. Афзалиятнокии ин шакли ҷобаҷокунии кудакони бе парастории падару модар монда бо хусусиятҳои он дар низоми қонунгузории оилавӣ муқаррар карда мешавад. Ӯ қайд намудааст, ки аз нуқтаи назари қонунгузории оилавӣ шахсоне, ки кӯдаконро ба фарзандхондӣ қабул мекунанд, бояд онро ҳамчун фарзанди худ тарбия ва таъмин намуда, барои кӯдак оилаи худашро ифода намоянд. Бинобар ин, дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон фарзандхондии “муваққатӣ” вуҷуд надорад. Дар чунин намуди фарзандхондӣ шахсоне, ки кӯдаконро мақсади ба фарзандхондӣ қабул намуданро дорад, барои худ фарзандхондиро озмоиш мекунанд ва кӯдакон аз оила ба оила мераванд. Ба сифати шакли муваққатии ҷобаҷокунии кӯдакони бепарастор қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои васоят ва парасториро муқаррар намудааст.

Хусусияти фарзандхондӣ ҳамчун шакли ҷобаҷокунии кӯдакони бепарасторро таҳлил намуда, муаллиф қайд мекунад, ки хусусияти он аввал, дар бемуҳлатии муносибатҳои ҳуқуқӣ ва дуюм, дар робитаи қавии ҳуқуқии байни фарзандхоншуда ва фарзандонкунанда зоҳир мегардад. Воқеан, фарзандхондӣ ба таври бемуҳлат таъин карда мешавад, вале васоят ва парасторӣ ҳангоми қобилияти пурраи амал пайдо кардани кӯдакон, қатъ мегардад. Истисно фақат ҳангоми бекор кардани фарзандхондӣ вуҷуд дорад. Ҳангоми фарзандхондӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои фарзандхондшуда ва фарзандхонкунанда, ба ҳуқуқ ва ухдадориҳои падару модар ва фарзандон баробар карда мешавад. Бинобар ин, фарзандхондӣ ба робитаи аввалаи хешовандӣ баробар аст.

Ба ақидаи муаллиф мафҳуми “васоят ва парасторӣ” дар ду маъно: маънои васеъ ва мафҳуми маҳдуд фаҳмида мешавад. Васоят ва парасторӣ ба маънои васеъ ин шакли амалӣ намудани ҳифзи давлатии шахсият, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандони дорои қобилияти амали маҳдуд ва ё ғайриқобили амал мебошад. Дар мавзӯи баррасикунанда васоят ва парасторӣ ин шакли ҳуқуқии тарбияи кӯдакони бе парастор мебошад.

Диссертант зикр намудааст, ки васоят ва парастори ин институтии комплексии ҳуқуқӣ гражданӣ ва оилавӣ мебошад, ки тамоми намудҳои васоятро ба шаҳрвандон ё молу мулки онҳо дар бар мегирад ва мақсади асосии он ҳимояи ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолу мулкӣ мебошад. Таввассути васоят ва парасторӣ шахсони ғайриқобили амал ва ё шахсони дорои қобилияти амали маҳдуд, инчунин шахсони дорои қобилияти пурраи амал, ки бинобар вазъи саломатӣ ва ё синну сол наметавонанд, ҳуқуқҳои субъективии худро амалӣ намоянд, ҳамчун субъектони комилҳуқуқи субъективӣ баромад мекунанд. Ба истисноии муносибатҳое, ки сифр шахсӣ мебошанд.

Муаллифи диссертатсия ба хулоса омадааст, ки мафҳуми патронат дар ҳуқуқи гражданӣ ва мафҳуми патронаж дар ҳуқуқи оилавӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Чунончӣ “патронаж” дар ҳуқуқи оилавӣ ин як шакли ҷобаҷокунии кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастор мебошад ва “патронат” дар ҳуқуқи гражданӣ бошад, ин як “воситаи иловагии” амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гражданӣ аз ҷониби шахсони болиғе, ки вобаста ба омилҳои муайян наметавонанд, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро мустақилона амалӣ намоянд. Ӯ қайд менамояд, ки то имрӯз дар қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми амалӣ намудани оилаи мураббӣ коркард карда нашудааст.

Муаллиф мафҳуми илмии тарбияи воқеиро пешниҳод намудааст, ки тибқи он тарбияи воқеӣ ин дар асоси шартнома ва дигар асосҳое, ки ба қонунгузории ҶТ мухолиф нестанд (ақди никоҳ бастан бо волидайни кӯдак, вафот кардани волидайн, дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштани волидайн ва ғайраҳо) муваққатан ва ё доимӣ ба тарбия ва таъминот гирифтани кӯдак (кӯдакон) мебошад.

Ба ақидаи муаллиф тарбияи воқеӣ намудҳои гуногуни худро дорад:

- тарбияи воқеии шартномавӣ;
- намуди маъмурии тарбияи воқеӣ;
- шакли оилавии тарбияи воқеӣ;

- тарбияи воқеии шакли фарзандхондӣ;
- шакли муваққатии тарбияи кудакон;
- шакли пешакии тарбияи воқеӣ;

Дар **хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои бадастоварда пешбинӣ гардида, хулоса ва таклифу пешниҳодҳои хусусияти назарявӣ ва амалидошта пешкаш шудаанд. Аз ҷумла, муаллиф асоснок кардааст, ки тарбия ин ҷараёни бефосила ва меъёрию танзимшаванда мебошад, ки тавассути субъектҳои махсус амалӣ карда шуда, барои баланд бардоштани қобилияти зеҳнии кӯдак ва омодагии он ба ҳаёти мустақилона равон карда мешавад. Ба ақидаи муаллиф, тарбия дорои хусусиятҳои зерин мебошад, ки аз дигар намудани фаъолияти иҷтимоӣ фарқ мекунад:

- тарбия ин ҷараёни дақиқ муайяншуда аст, яъне, ҳар як марҳилаи тарбия, мақсад, вазифаи тарбия бо қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд (Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»). Субъектони тарбия аз доираи ваколатҳои худ баромада наметавонанд, зеро бо қонунгузорӣ барои иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби вазифаҳо оид ба тарбияи ноболиғон ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст.

- тарбия, пеш аз ҳама, барои таъсиррасонии равонии кӯдак нигаронида шудааст. Ин хусусият аз мақсади тарбия низ бармеояд. Зеро яке аз мақсадҳои асосии тарбия ин баланд бардоштани қобилияти зеҳнии кӯдак мебошад ва субъектони тарбия барои ноил шудан ба ин мақсад ба ҳолати равонии кӯдак таъсири бевосита расонида метавонанд.

- раванди тарбия субъектҳои муайяни худро дорад. Субъектҳои тарбия бо қонунгузорӣ муайян карда шудаанд, ки ба онҳо падару модарон, омӯзгорон, давлат ва ҷомеа дохил мешаванд.

- тарбия табиати беинтиҳо дорад. Моҳияти хусусияти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки тарбия аз падидаҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ, динию сиёсӣ, урфу одат ва анъанаҳо, арзишҳо ва фарҳанги миллӣ иборат буда, аз мавҷудият оғоз гардида, то охири ҳаёт идома мeёбад. Синну соли муайян ё ягон шароит вуҷуд надорад, ки ҳангоми расидан ба он ҷараёни тарбия қатъ карда шавад. Вале аз моҳияти қонунгузорӣ бармеояд, ки шахс дар синну соли муайян объект ва дар синну соли муайяни дигар субъекти тарбия мебошад. Бинобар ин, инсон то охири ҳаёти худ иштирокчии ҷараёни тарбия мебошад [5-М].

Муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар мафҳуми оила тарбияи кӯдакон яке аз масъалаҳои марказии оиларо ташкил медиҳад. Аз лаҳзаи таваллуди кӯдак муносибатҳои байни ҳамсарон бо дарназардошти манфиатҳои ӯ ба роҳ монда мешавад. Тарбия аз лаҳзаи таваллуди кӯдак оғоз мeёбад. Шакл ва шиддатнокии он вобаста ба синну соли кӯдак тағйир мeёбад [3-М].

Дар рисолаи диссертатсионӣ асоснок карда шудааст, ки бо мақсади омодагии касбии падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд зарур аст, ки дар назди муассисаҳои таълимӣ ва мактабҳо, корхонаҳо, ташкилотҳо, маҳалҳои зисти онҳо ва марказҳои дастгирии оила «мактабҳои омӯзиши падару модарон» ташкил карда шаванд [3-М].

Диссертант пешниҳод мекунад, ки дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти алоҳида дар бораи танзими ҳуқуқии муносибатҳои дояро ба танзим дароранда ворид карда шавад. [3-М]

Муаллиф чунин мафҳуми оиларо пешниҳод намудааст: оила ин унсури асосии ҷомеа ҳамчун иттиҳоди озод, ба таври ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқӣ асосёфта буда,чун

қоида, шавҳар ва зани якумра, ки мақсади онҳо таваллуди кӯдак, тарбияи он, ба қайди давлатӣ гирифтан, ки баъдан байни субъектҳои он ҳуқуқ вазифаҳои тарафайн ба миён меояд. Ҳамин тавр, таҳти мафҳуми оила иттифоқи шахсоне, ки бо ақди никоҳ ё ин ки иттифоқи зану мард ё дигар шахсоне, ки ба тариқи расмӣ ба қайд гирифта нашудааст, хочагии умумӣ мебаранд, хусусияти манфиатҳои умумӣ доранд, аз ҷумла ба хешу таборӣ, тарбияи фарзандон, кумаки ҳамдигар асос ёфтааст, фаҳмида мешавад [3-М].

Ба ақидаи муаллиф, ба асосҳои аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум намудан ворид кардани асоси «шахсе, ки бо фоҳишагарӣ машғул аст», ба мақсад мувофиқ аст, зеро шахсе, ки бо фоҳишагарӣ машғул аст (асосан модари кӯдак) бо рафтори бадахлоқонаи худ ба тарбияи кӯдак таъсири манфӣ мерасонад ва ба тарбияи кӯдаки худ аҳамият намедиҳад, барои он ки фоҳишагарӣ барои ин қабил ашхос сарчашмаи асосии даромад буда, ин машғулият барои баъзеҳо кори одатӣ гаштааст. [4-М]

Муаллиф таъкид мекунад, ки ташкил намудани бэби-бокс яке аз воситаҳои ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакони навтаваллудшуда ва омили пешгирикунандаи содир шудани ҷиноятҳои мудҳиш муқобили кӯдакони навтаваллудшуда мебошад. Инчунин онҳо мумкин воситаи ҳифзи сирри занони бе никоҳ таваллуд карда баромад намоянд. Моҳияти бэби-боксҳо инчунин дар он зоҳир мегардад, ки онҳо қадр ва номуси занони таваллудкардаро ҳимоя мекунанд. Чунончи, тибқи анъанаҳои мусулмонӣ агар зан бе никоҳи мусулмонӣ таваллуд кунад, он зан ҳамчун зани сабукрафтор эътироф гардида, дар ҷомеа обрӯ ва шарафи худро аз даст медиҳад. Бинобар ин, муаллиф пешниҳод мекунад, ки бо мақсади ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакони навтаваллудшуда пешниҳод мекунем, ки бэби-боксҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ташкил карда шаванд. Зеро танҳо дар давоми солҳои 2016-2018 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 10 ҳолати кӯштори кӯдакони навзод аз ҷониби модари онҳо ба қайд гирифта шудааст. [3-М]

Дар натиҷаи таҳлили адабиётҳои илмӣ муаллиф ба хулоса омадааст, ки ҳуқук ба тарбия ҳуқуқҳои зеринро дар бар мегирад:

- ҳуқуқи падару модар ба муоширати шахсӣ бо кӯдак;
- комилҳуқуқии падару модар оид ба тарбияи динии кӯдак;
- комилҳуқуқии падару модар оид ба интихоб шаклҳои таҳсилот ва муассисаҳои таълимӣ барои кӯдак;
- ҳуқуқ ба намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои кӯдакони худ;
- ҳуқуқи додани розигӣ барои фарзандхондии кӯдак ва дигар ҳуқуқҳо. [2-М] [6-М]

## МАЗМУНУ МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР МАВОДИ ИНТИШОРИИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ДАРҶ ШУДААНД

### 1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷалаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон чоп шудаанд:

**[1-М]**. Саидзода, М.Ш. Понятие права в воспитание: Проблемы законодательной регламентации[Текст] / Саидзода М.Ш. // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – 2018. – №1 (73). – Душанбе, 2018. – С. 63-65.

**[2-М]**. Саидзода, М.Ш. Общая характеристика правовых форм воспитания детей, оставшихся без попечения родителей[Текст] /Саидзода М.Ш. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №3.– Душанбе, 2018. – С 203-207.

**[3-М]**. Саидзода, М.Ш. Субъекты права на воспитание: проблемы прававой регламентации [Текст] / Саидзода М.Ш. // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва

ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – № 1.– Душанбе, 2018. – С. 183-187.

**[4-М]**. Саидзода, М.Ш. Лишение родительских прав: проблемы правового регулирования [Текст] / Саидзода М.Ш. // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – № 4.– Душанбе, 2018.– С. 255-259.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

**[5-М]**. Саидзода, М.Ш. Общая характеристика правовых основ воспитания детей в Республики Таджикистан (межотраслевые связи)[Текст] / Саидзода М.Ш. // Юридическая наука: история и современность.– 2017.– № 7. – Санкт-Петербург, 2017. – С. 76-87.

**[6-М]**. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак»/ Зери таҳрири Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шермуҳаммад Шоҳиён. Душанбе, 2019-363 с.-22,6875 п.л.

**[7-М]**. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират»/ Зери таҳрири Раҳимзода М.З. Душанбе, 2017. Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон-103 с.-6,4375 п.л.

**ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ.А. БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

**УДК: 347.634/.637 575.3**
**ББК: 67.404**
**С - 14**

*На правах рукописи*

**САИДЗОДА МУХАББАТ ШЕРАЛИ**

# СЕМЕЙНО-ПРАВОВЫЕ ПРОБЛЕМЫ ВОСПИТАНИЯ ДЕТЕЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**АВТОРЕФЕРАТ**

диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальность 12.00.03 - Гражданское право; предпринимательское право; семейное право; международное частное право (юридические науки)

**ДУШАНБЕ-2020**

Диссертация выполнена в отделе частного права Института философии, политологии и права им.А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан.

Научный руководитель: Бободжонзода Исрофил Хусейн – доктор юридических наук, доцент, председатель Международного Коммерческого арбитража при Торгово-промышленной палате Республики Таджикистан

Официальные оппоненты: Золотухин Алексей Валерьевич – доктор юридических наук, доцент, декан юридического факультета межгосударственного образовательного учреждения высшего профессионального образования «Российско-Таджикского (Славянского) университета».

Хошимзода Даврон Дододжон – кандидат юридических наук, судья конститутсионного Суда Республики Таджикистан.

Оппонирующая организация: Государственное высшее профессиональное учреждение «Таджикский государственный университет коммерции» (г. Душанбе).

Защита диссертации состоится «3» июля 2020 года в 11-00 час. на заседании Диссертационного совета 6D.КОА-002 при Таджикском национальном университете (734025, г. Душанбе, ул.Буни Хисорак, зал диссертатционного совета юридического факультета).

С содержанием дисертации можно ознакомиться на сайте www.tnu.tj и в Центральной научной библиотеке Таджикского национального университета по адресу: проспект Рудаки 17

Автореферат разослан «______»__________ 2020 года

Научный секретарь Диссертационного совета,
доктор юридических наук, профессор Азиззода У.А.

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы диссертационного исследования.** Вопросы, связанные с воспитанием детей, занимают особое место в политике государства и Правительства Республики Таджикистан. Республика Таджикистан (далее РТ) - как полноправный субъект международных отношений и член международного сообщества - по правам и защите прав ребенка ратифицировала ряд международных договоров, возложив на себя определенные обязательства. В частности, были ратифицированы Всеобщая декларация прав человека, Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах, Международный пакт о гражданских и политических правах и Конвенция о правах ребенка, учреждена Комиссия по правам ребенка и институт Уполномоченного по правам ребенка.

Государство на конституционном уровне признало воспитание детей одним из основных задач. Мать и ребенок находятся под особой защитой и покровительством государства, и оно возложило на родителей ответственность за образование и воспитание детей (статья 34 Конституции РТ). Отраслевое законодательство по воспитанию детей вытекает из этого конституционного положения. В частности, Семейный кодекс РТ признает приоритетность семейного воспитания детей одним из принципов, регулирующих семейные отношения, и определяет основных субъектов, ответственных за воспитание и содержание детей.

В целях усиления ответственности родителей за образование и воспитание детей в духе гуманизма, патриотизма, а также защиты их прав и интересов, охраняемых законом, уважения к национальным, общечеловеческим и культурным ценностям были приняты ряд нормативных правовых актов. В частности, Закон РТ «О защите прав ребенка», Закон РТ «О молодежи и государственной молодежной политике», Закон РТ «Об образовании», Закон РТ «О предотвращении насилия в семье», Закон РТ «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей», Указ Президента РТ «О правовой политике и правовом воспитании граждан РТ», постановление Правительства РТ «О некоторых мерах по совершенствованию правового воспитания граждан и правовой работы в республике», Национальная концепция воспитания в РТ, Концепция развития семьи в РТ и др. Кроме того, по данному вопросу были внесены соответствующие изменения и дополнения в Семейный кодекс РТ, Кодекс об административных правонарушениях РТ и в другие нормативные правовые акты.

Из вышеупомянутых нормативных правовых актов следует, что по вопросам воспитания детей в РТ был принят ряд комплексных правовых, социальных и политических мер, но, несмотря на все принятые меры, в данном направлении все еще имеются серьезные недостатки, для устранения которых необходимы дополнительные безотлагательные меры. Кроме того, такие негативные явления, как терроризм, экстремизм, обращение в чужую культуру и, тем самым, утрата уважения к национальным ценностям, привели к тому, что уровень образования и воспитания не отвечает требованиям времени. Ибо анализ судебной статистики свидетельствует о том, что субъекты обучения и воспитания детей, особенно родители, не всегда должным образом выполняют свои обязанности, связанные с обучением и воспитанием своих детей. Так, в судах РТ в период 2017 - 2019 гг. было рассмотрено 42738 дел об административных правонарушениях и 3825 уголовных дел за нарушение требований законодательства по вопросам воспитания детей в семье, в результате которых

родителей и другие субъекты воспитания детей с применением различных мер наказания были привлечены к ответственности. Статистический анализ также показывает, что из года в год уровень преступности среди несовершеннолетних имеет тенденцию к росту. Так, в 2016 году 372 несоврешеннолетних, в 2017 году -549 и в 2018 году 618 несовершеннолетних были осуждены судами РТ за различные преступления.

Кроме того, трудовая миграция родителей, в результате которой дети остаются без обучения, воспитания и опеки, является еще одним из негативных факторов и препятствует достижению целей и задач, предусмотренных законодательством. Согласно статистическим данным, только в 2016-2018 годах 1489241 человек выехали в трудовую миграцию.

